*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 47 (12375)
24 ноябри
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj



## Рамзи ватандорӣ ва ифтихори миллӣ

### *Аз суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ситоиши Парчами миллӣ*

Парчами давлатӣ ҳамчун нахустин рамзи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон 24-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 16-уми сарнавиштсози Шурои Олии кишвар, ки дар ҷараёни он тақдири давлатдории навини тоҷикон тарҳрезӣ гардида, дар роҳи таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, инчунин, ба сӯйи ҳадафҳои умумимиллӣ қадамҳои аввалин гузошта шуданд, қабул гардид.

***

Тоҷикон дар таърихи навини худ бо Парчами давлати соҳибихтиёр узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ гардиданд ва равобити дӯстиву ҳамкорӣ, аз ҷумла, робитаҳои дипломатӣ ва иқтисодиву фарҳангиро бо аксари кишварҳои ҷаҳон ба роҳ монданд.

***

Парчами миллӣ, ки ифодагари иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мардуми фарҳангсолори мо мебошад, ормону орзу ва мақсаду мароми тоҷиконро дар ҷилои рангҳои худ инъикос кардааст.

***

Парчами миллӣ имрӯз чун рамзи давлатдории тоҷикон дар бинои тамоми идораҳои давлативу маъмурӣ, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ, иншооти варзиш, ҳуҷраҳои корӣ ва хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон насб гардида, мардуми моро дар ҷодаи сарсабзиву ободӣ ва зиндагии босаодат руҳу илҳом мебахшад.

***

Вобаста ба ин, хотирнишон месозам, ки ҳар яки мо ҳисси эҳтиром, ифтихор, муҳаббат ва садоқатро ба рамзҳои муқаддаси миллӣ бояд дар зеҳну шуури фарзандонамон аз синни кӯдакӣ тарбия намоем, зеро рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла парчам таҷассумгари гузаштаи пурифтихори таърихӣ ва ояндаи дурахшони халқамон мебошанд.

***

Боиси ифтихори ҳар яки мост, ки имрӯз дар қатори дигар кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид Парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол дар назди бинои ин созмони бонуфузи байналмилалӣ парафшон мебошад.

***

Мо вазифадорем, ки Парчами миллии худро ҳифз намоем, эҳтироми онро ҳамчун нишонаи давлатдории миллӣ, истиқлолу озодӣ ва арзиши бебаҳои миллӣ ба ҷо оварем.

***

Парчам яке аз рамзҳои асосиву муқаддаси давлатдории миллӣ ба ҳисоб рафта, мардуми шарифи Тоҷикистон ҳар сол санаи қабули онро бо ҳисси ифтихор аз Ватани муқаддаси худ ва давлати соҳибистиқлоли хеш таҷлил менамоянд.

***

Парчами давлати соҳибихтиёри мо нишонаи таъриху фарҳанги бостониву пурғановати миллати тоҷик буда, ҳар як фарди ҷомеаро вазифадор менамояд, ки нисбат ба ин рамзи муқаддаси миллӣ эҳтиром ва арҷ гузорад.

***

Парчами давлатӣ омили муайянкунандаи ҳувияти миллӣ ва тақвият пайдо кардани ҳисси милливу ифтихори ватандорӣ дар шуури ҳар як фарди бонангу номуси ҷомеа мебошад.

***

Парчам рисолат ва неруи муттаҳидкунанда дорад, зеро он дарбаргиранда ва таҷассуми арзишҳои сиёсиву фарҳангӣ ва ғояву ҳадафҳои миллӣ мебошад.

***

Таърих гувоҳ аст, ки ин рамзи миллӣ ба сифати омили нангу номуси ватандорӣ мардуми моро борҳо муттаҳид кардааст ва аз вартаи ҳалокат раҳо бахшидааст.

***

Маҳз бо парафшонии ин рамзи муқаддас мо ҳоло пояҳои давлати соҳибистиқлоламонро таҳким бахшида, барои ба як мулки ободу пешрафта табдил додани Тоҷикистони маҳбубамон саъю талош карда истодаем.

***

Парчами давлатӣ, хусусан, барои ҷавонони Тоҷикистони азиз омили сарфарозӣ буда, онҳо дар ҳама ҷабҳаҳо зери ин рамзи давлатӣ муттаҳид мешаванд ва иқдомоти шоистаи ватандӯстонаро, аз ҷумла, дар ҳимояи Ватани маҳбуб ва дифои ҳар ваҷаб хоки муқаддаси он бо ҳушёриву зиракӣ амалӣ менамоянд.

***

Қарзи фарзандӣ ва вазифаи шаҳрвандии ҳар яки мост, ки ба Парчами давлатӣ - ин рамзи истиқлолу озодӣ, иттиҳоду сарҷамъӣ, ватандориву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллӣ арҷ гузорем.

***

## •ДАР ИН ШУМОРА:•

*Рафъи мушкилот вобаста ба фаъолияти ҳамагонист* саҳ. 2-4

*Мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм - вазифаи муҳим* саҳ. 6

*Дар роҳи татбиқи барнома* саҳ. 11



*Таҷассуми ҳастии миллат* саҳ. 13

*Телевизиони тоҷик - симои миллии Тоҷикистон* саҳ. 14

*Забон омӯзем, то босавод бошем* саҳ. 15

## Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2023

**Агар хоҳед, ки дар соли 2023 аз навгониҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаи маориф ва илмро саривақт дастрас намоед, аз таҷрибаи ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.**

Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта 170 сомонию 58 дирам

ДХ БДА ҶТ «Амонатбонк»
с/ҳ 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264

СУРАТҲИСОБИ МО

РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»

@▸▸ Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj

Телефони боварӣ: 227-76-86

*Бикӯшед, ки Ватанро бо мардӣ машҳур кунед.*
*Михаил Ломоносов*



ТАҲЛИЛ ВА БАРРАСӢ

# Рафъи мушкилот вобаста ба фаъолияти ҳамагонист



*17-уми ноябри соли ҷорӣ дар Қасри фарҳанги ноҳияи Айнӣ таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи сайёри ҳайати мушоваараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Зарафшони вилояти Суғд" баргузор гардид, ки дар он муовини якум ва муовинони вазири маориф ва илм (ба таври онлайнӣ ва ҳузурӣ), сардорону кормандони раёсат, шуъбаю бахши дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, муовини раиси вилояти Суғд Зайнура Азимӣ, раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулҳия Нозакзода, муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо, сардорону мудирон ва кормандони раёсат, шуъба ва бахшҳои маориф, мудирон ва директорони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳо, директорон ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии вилоят иштирок намуданд.*

*Тибқи рӯзнома, нахуст дар ҷаласа вазъи иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсӣ, сатҳу сифати дониши хонандагон ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Деваштич, Шаҳристон, Панҷакент, Кӯҳистони Мастчоҳ, Зафаробод ва Айнии вилояти Суғд бо пешниҳод гардидани гузоришҳои муфассал аз ҷониби роҳбарони гурӯҳҳои корӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.*

*Оид ба вазъи соҳаи маорифи шаҳри Истаравшан гузориши З.Назруллозода-муовини сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии вазорат, оид ба вазъи соҳаи маорифи ноҳияи Деваштич, гузориши Д.Маҳмадғиёс-сармутахассиси шуъбаи сифати таҳсилоти вазорат, оид ба вазъи соҳаи маорифи ноҳияи Шаҳристон, гузориши М.Қурбонзода-сардори шуъбаи сифати таҳсилоти вазорат, оид ба вазъи соҳаи маорифи шаҳри Панҷакент, гузориши М.Сироҷзода-сармутахассиси раёсати таҳсилоти миёнаи умумии вазорат, оид ба вазъи соҳаи маорифи ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, гузориши Ҳ.Наврӯзов-мушовири Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ оид ба вазъи соҳаи маорифи ноҳияи Зафаробод, гузориши С.Камолзода-мудири шуъбаи таҳсилот ва технологияи педагогии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва оид ба вазъи соҳаи маорифи ноҳияи Айнӣ гузориши С.Туронов-муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф шунида шуд.*

*Тибқи дастури раиси ҷаласа, вазири маориф ва илм Р.Саидзода бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳаи маориф зимни баррасии масъалаҳо, дар баробари муаррифии дастовардҳо, маърӯзакунандагон бештар ба проблемаву мушкилоти ҷойдошта таваҷҷуҳ намуданд.*

### ИСТАРАВШАН: 4 муассиса дар ҳолати садамавӣ қарор дорад

Дар шаҳр 74 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият менамояд: 64 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 1 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 1 литсей, 6 гимназия, 1 муассисаи ғайридавлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 1 мактаб-интернат.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 60868 хонанда, аз ҷумла, 29860 духтар ба таьлим фаро гирифта шудааст.

Соли таҳсили 2021-2022 синфи 11-ро 3664 хонанда (1952 духтар) хатм намудааст, ки аз онҳо 1576 нафар (877 духтар) тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 нафар (8 духтар) тибқи квотаи Президентӣ ва 165 нафар (5 духтар) ба донишгоҳу донишкадаҳои хориҷи кишвар дохил шуданд, ки дар маҷмуъ 48%-ро ташкил медиҳад.

Дар муассисаҳои таълимии шаҳр айни замон 3391 нафар омӯзгор ба таълиму тарбияи насли наврас машғул буда, соли таҳсили 2022-2023 аз 85 нафар мутахассиси ҷавони тибқи роҳхат ба кор фиристодашуда 52 нафар ба ҷойи кор ҳозир шуданд.

Айни замон муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин бошанд ҳам, аз ҳисоби ба зергурӯҳҳо ҷудо нагардидан аз фанҳои забони русӣ 11 нафар, забони англисӣ 12 нафар, технологияи иттилоотӣ 7 нафар, дар маҷмуъ, барои 30 нафар омӯзгор эҳтиёҷот ба миён омадааст.

Соли таҳсили 2022-2023 ҳарчанд 60 нафар мутахассиси ҷавони дар муассисаҳои таълимии деҳот фаъолияткунанда бо иловапулии 10% таъмин шуда бошанд ҳам, аммо тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2006, №197 танҳо як нафар дар ҳаҷми 6000 сомонӣ аз имтиёз бархурдор гардидааст, ки ин нокифоя арзёбӣ мегардад.

Ҳаракати олимпӣ дар шаҳр хуб ба роҳ монда шуда, дар соли таҳсили 2021-2022 78 нафар хонандаи муассисаҳои таълимӣ дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ иштирок намуда, 2 нафар ҷойи якум, 11 нафар ҷойи дуюм, 15 нафар ҷойи сеюмро соҳиб гардидаанд. Инчунин, соли ҷорӣ хонандагони шаҳр дар олимпиадаи байналмилалии "TeenEagle" 3 ҷойи дуюм, 3 ҷойи сеюм ва дар олимпиадаи байналмилалии "Дониш дар Анталия" 4 ҷойи сеюмро ба даст овардаанд.

Зимни санҷиш маълум гардид, ки таъминоти муассисаҳои таълимии шаҳр бо китобҳои дарсӣ 72,9%-ро ташкил медиҳад. Норасоии китобҳои дарсӣ асосан аз фанҳои забони англисӣ, забони русӣ, математика, физика, химия, биология, технологияи иттилоотӣ, забон ва адабиёти тоҷик ва география дар синфҳои 6, 8, 9, 10 ташкил медиҳад.

Ҷиҳати иҷрои Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 бо ҷалби маблағҳои буҷавӣ, соҳибкорон ва шахсони алоҳида ба муассисаҳои таълимии шаҳр дар соли 2022 аз 327 компютери банақшагирифташуда 105 адад харидорӣ шудааст, ки 32,1%-и нақшаро ташкил медиҳад.

Тибқи талаботи Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 дар муассисаҳои таълимии шаҳр дар давоми солҳои 2021-2022 113 кабинети фаннӣ ва 2 озмоишгоҳи таълимӣ бояд харидорӣ мешуд, ки аз он танҳо 24 кабинети фаннӣ ва 1 озмоишгоҳ харидорӣ ва таҷҳизонида шуда, иҷрои нақша мутаносибан 21,2% ба 50%-ро ташкил медиҳад.

Дар тамоми муассисаҳои таълимии шаҳр гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот таъсис дода шудааст, аммо зимни санҷиш маълум гардид, ки масъулини гурӯҳҳо танҳо бо гирифтани корҳои хаттӣ ва тестӣ қаноат карда, сабабу омилҳои паст ё баланд гардидани сифати таҳсилотро мавридди таҳлилу муқоиса қарор надодаанд.

Ягона ҳолати ташвишовар садамавӣ будани муассисаи таълимии №№18, 39, 48, 50 ва ба таъмири асосӣ ниёз доштани муассисаҳои таълимии №12, 17, 47 мебошад.

### ДЕВАШТИЧ: соли 2022 компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ 18% иҷро гардидааст

Дар ноҳияи Деваштич 8 муассисаи таҳсилоти томактабӣ фаъолият дорад, ки дар он 1419 нафар кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, дар назди 22 муассисаи таҳсилоти умумии ноҳия 42 гурӯҳи Маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 959 нафар кӯдак таъсис дода шудааст. Дар маҷмуъ, фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти томактабӣ дар ноҳия 5%-ро ташкил медиҳад.

Зимни санҷиши гурӯҳи корӣ маълум гардид, ки дар муассисаҳои томактабии №2, 3, 8 талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вобаста ба синну сол ҷойгир намудани кӯдакон дар гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб риоя намегардад.

Дар ноҳия 68 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла, 3 гимназияи давлатӣ фаъолият менамояд ва дар онҳо 40436 нафар хонанда ба таълим фаро гирифта шудааст.

Соли таҳсили 2021-2022 синфи 11-ро 2389 нафар хонанда (1229 духтар) хатм намуд, ки аз онҳо 1249 нафар (670 духтар ) тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 17 нафар (9 духтар) тибқи квотаи Президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва 26 нафар (7 духтар) ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар дохил шуданд ва ин нишондиҳанда 52%-ро ташкил медиҳад.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Деваштич 2580 нафар (1289 нафар зан) омӯзгор бо таълиму тарбияи насли наврас машғул бошад ҳам, дар муассисаҳои таълимии №№ 9, 12, 54 омӯзгорон аз фанҳои забони англисӣ, математика, химия, биология ва физика намерасад. Тибқи роҳхат аз ҳисоби мутахассисони ҷавон дар соли таҳсили 2022-2023 91 нафар фиристода шудааст, ки то имрӯз танҳо 49 нафар ба ҷойи кор ҳозир шуданд. Маълум гардид, ки яке аз сабабҳои ба ҷойи кор ҳозир нагардидани мутахассисони ҷавон, ин таъмин нагардидани онҳо бо имтиёзҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикитон мебошад. Зеро дар 3 соли охир ягон мутахассиси ҷавон бо замини наздиҳавлигӣ таъмин нашуда, танҳо ду нафар соҳиби қарзи имтиёзнок гардидаанд.

Ҳарчанд дар ноҳия марказҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия, таҳсилоти иловагӣ ва дарёфт ва рушди истеъдодҳо ташкил шуда бошад ҳам, мутаассифона, марказҳо бинои алоҳидаи худро надоранд, ки ба самаранокии фаъолияти онҳо монеа гардидааст.

Дар 74 кабинети технологияи иттилоотии муассисаҳои таълимии ноҳия 1091 компютер, 122 тахтаи электронӣ ва 128 видеопроектор мавҷуд мебошад. Соли 2022 дар ноҳия аз 255 адад компютери ба нақшагирифташуда 46 адад харидорӣ шудааст, ки 18% нақшаи солонаро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №№24 11, №47 8, №26 5, №13 4, №№3,7,29,36,37 3 ададӣ, №№6,19,28,39 2 ададӣ ва №51 4 адад компютер корношоям мебошад.

Дастовардҳои хонандагони ноҳия дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ асосан аз ҳисоби хонандагони муассисаҳои таълимии №№1, 7, 10 ва 38 буда, соли 2021 дар сатҳи ҷумҳурӣ 26 нафар роҳхат гирифта, 9 нафар ба гирифтани ҷойҳои 2 ва 3 ноил гардидаанд. Аз ин ҷост, ки фаъолияти маъмурият ва омӯзгорони дигар муассисаҳои таълимӣ дар ин самт ғайриқаноатбахш арзёбӣ мегардад.

Яке аз омилҳои баланд бардоштани сатҳи сифати таҳсилот таъминот бо китобҳои дарсӣ ба ҳисоб меравад. Аммо норасоии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №10 1323 адад, №43 3328, №38 1050, №47 370, №51 660, №53 335 ададро ташкил медиҳад ва ин норасоӣ аз фанҳои забони русӣ, ботаника, география ва адабиёти тоҷик мебошад.

Дар асоси натиҷаи ҷамъбасти чоряки якум аз ҷониби шуъбаи маорифи ноҳия сифати таҳсилот 45,9% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ 99,8% нишон дода шуда бошад ҳам, аммо санҷиши гурӯҳи корӣ муайян намуд, ки сифати таҳсилот 26,3% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ 76,3%-ро ташкил медиҳад.

### ШАҲРИСТОН: сифати таҳсилот 29,4% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ 66,5%-ро ташкил медиҳад

Дар ноҳия 22 муассисаи таълимӣ фаъолият дорад, ки дар онҳо 1070 нафар омӯзгор ба 10671 нафар хонанда таълиму тарбия медиҳанд.

Бо мақсади муайян намудани сифати таҳсилот ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ аз ҷониби гурӯҳи корӣ миёни хонандагони синфҳои 5-11-и муассисаҳои таҳсилоти умумии №№1, 2, 3, 5, 6, 8, 9, 10, 13, 14, 16, 18, 19, 20, 21 ва гимназияи №1 аз фанҳои алгебра, физика, химия, забони тоҷикӣ, забони русӣ, забони англисӣ, география, таърих ва математика корҳои тестӣ (омехта) гирифта шуд. Санҷиш нишон дод, ки сифати таҳсилол 29,4% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ 66,5%-ро ташкил медиҳад.

Агар дар муассисаҳои таълимӣ риоя нагардидани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ зимни ҳуҷҷатгузорӣ яке аз мушкилоти мавҷуда бошад, ҷой доштани эҳтиёҷот ба китобҳои дарсӣ мушкилоти дигари асосии муассисаҳои таълимии ноҳия ба ҳисоб меравад. Яъне, соли таҳсили 2022-2023 эҳтиёҷот ба китобҳои дарсӣ дар синфҳои таълимашон бо забо-

*(Давомаш дар саҳ. 3)*

Китоби нави доктори илми филология, профессор Равшан Раҳмонӣ таҳти унвони «Эмомалӣ Раҳмон – пайвандгари гузашта, имрӯза ва ояндаи тоҷикон» аз чоп баромад.

*Рафтор он гоҳ арзиши ахлоқӣ дорад, ки такя бар масъулият занад.*
*Иммануил Кант*

# Рафъи мушкилот вобаста ба фаъолияти ҳамагонист

(Аввалаш дар саҳ. 2)

ни тоҷикӣ ба миқдори 858 нусха ва барои синфҳои таълимашон бо забони ӯзбекӣ 1366 нусхаро ташкил медиҳад.

Агар бо мақсади иҷрои Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 харидорӣ намудани 53 адад компютер ва 7 адад тахтаи электронӣ ба нақша гирифта шуда бошад, пас барои муассисаҳои таълимӣ 57 адад компютер ва 6 адад тахтаи электронӣ харидорӣ карда шудааст, ки мутаносибан 107% ва 85.7%-ро ташкил медиҳанд. Аммо рафти иҷрои Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 дар соли 2022, дар маҷмуъ, 45%-ро ташкил медиҳад.

Дар баробари иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, инчунин, бо мақсади ҳавасманд намудан ва пайдо кардани хонандагони болаёқату боистеъдод дар ноҳия озмуни "Хонандаи сол" баргузор гардида, барои 20 нафар стипендияи раиси ноҳия муқаррар карда шудааст.

### ПАНҶАКЕНТ:
### таҳсилоти томактабӣ таваҷҷуҳи бештар мехоҳад

Дар шаҳри Панҷакент 19 муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо фарогирии 3489 кӯдак фаъолият менамояд, ки дар маҷмуъ, фарогирӣ 8,9% буда, ин нишондиҳанда аз сатҳи ҷумҳурӣ 6,5% ва аз сатҳи вилоят 11,3% паст аст.

Дар соли таҳсили 2023-2023 бо сабаби норасоии ҷойи нишаст дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №№5, 8, 17, 27, 40, 63 ва 65 маркази инкишофи кӯдак фаъолияти худро қатъ намуданд.

Зимни санҷиш маълум гардид, ки муассисаҳои таҳсилоти томактабии шаҳри Панҷакент ба 455 кати хоб, 189 миз ва 585 курсӣ барои кӯдакон, 58 ҷевон барои бозичаҳои кӯдакона эҳтиёҷот дошта, дар дохили биноҳои 7 муассиса ҳоҷатхона мавҷуд нест.

Бинобар сабаби норасоии муассисаҳои томактабӣ дар ҳудуди шаҳр кӯдакон дар гурӯҳҳо аз меъёр зиёд буда, шумораашон то 35-40 нафарро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, зиёда аз 80 фоизи мураббияҳои кӯдакистонҳои шаҳр дорои ихтисоси таҳсилоти томактабӣ нестанд, ки ин ба самаранокии машғулиятҳо бетаъсир буда наметавонад.

Дар шаҳр 136 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият менамояд, ки дар онҳо 4894 нафар омӯзгор (2842 зан) ба таълиму тарбия машғуланд.

Соли 2021 синфи 11-ро 3875 нафар (1906 духтар) хатм намуд, ки аз онҳо 1845 нафар тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 нафар (7 духтар) тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии кишвар ва 19 нафар ба донишгоҳу донишкадаҳои хориҷи кишвар дохил шуданд, ки 48,5%-ро ташкил медиҳад.



Зимни таҳлилҳо маълум мегардад, ки дар шаҳр аз ҷониби Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд курсҳои сайёр ташкил карда шуда, омӯзгорон фаро гирифта мешаванд, аммо бо сабаби ҷудо нагардидани маблағ барои сафархарҷӣ нақшаи ҷумҳуриявии аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон иҷро намегардад. Хусусан, аз соли 2019 то имрӯз зиёда аз 90% маблағҳои сафархарҷии омӯзгорон пардохт нагардидааст.

Дар соли 2022 дар олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ 34 нафар иштирок намуда, 1 нафар соҳиби ҷойи 1, 3 нафар соҳиби ҷойи 2 ва 14 нафар соҳиби ҷойи 3 гардидаанд. Ҳарчанд хонандагону омӯзгорони шаҳр дар озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" фаъолона иштирок намоянд ҳам, мутаассифона, соли ҷорӣ дар даври ҷумҳуриявии Озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" ягон нафар хонанда ё омӯзгор роҳхат ба даст наовардааст.

Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 соли 2021 20% ва дар соли 2022 41% иҷро гардидааст. Ҳамчунин, дар муассисаҳои таълимӣ ҳанӯз ҳам компютерҳои тамғаи кӯҳна ва корношоям мавҷуданд.

Дар баробари ин, муассисаҳои таҳсилоти умумии №23 ва №15 дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, муассисаҳои таҳсилоти умумии №№64, 70, 106, 116 ва 117 ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

Масъалаи дигаре, ки мавриди санҷиш қарор гирифт, ин таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ мебошад. Аз маълумотҳои пешниҳодгардида бармеояд, ки муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр ба 52650 нусха китоби дарсӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳангоми санҷиш гурӯҳи корӣ маълум кард, ки вазъи бо китоби дарсӣ омадани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №№1, 25, 72, 86, гимназия беҳтар буда, вале дар синфи 11 муассисаи таҳсилоти умумии №2 ба ҳисоби миёна 89% хонандагон бе китоби дарсӣ ҳузур доштанд. Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6 аз фанҳои технологияи иттилоотӣ синфҳои 9, 10, 11, адабиёт синфи 9 ва таърихи умумӣ барои синфи 8 умуман китоби дарсӣ мавҷуд нест.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки барои бо омодагӣ ба дарс ҳозир шудани омӯзгорон таъсири мусбат мерасонад, ин ба дарси омӯзгорон даромадани маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ва таҳлили дарси онҳо мебошад. Мутаассифона, на ҳамаи директорон ва муовинони директор ба дарсҳои омӯзгорон даромада, тибқи талабот дарсҳоро таҳлил менамоянд.

Санҷиш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №№2, 6, 53, 60, 64 ва гимназия маълум намуд, ки дар журналҳои синфӣ мавзуъҳои дарсӣ сариваќт навишта нашуда, аз ҷониби омӯзгорон баҳо гузошта нашудааст. Ҳамчунин, дар муассисаҳои таълимии санҷидашуда сифати таҳсилот ба 26,8% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ ба 61,8% баробар мебошад.

### КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ:
### дар раванди дарс одитарин воситаҳои аёнӣ истифода намешаванд

Санҷиши вазъи заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳилоти умумии ноҳия, аз лиҳози таъминот бо компютер, таъминоти ҷойи нишаст, таъминот бо мизу курсии омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №№13, 17, 6, 2, 3, 12, 23, 7, 27, 1, 32, 8, 14 то андозае таъмин гашта бошад ҳам, муассисаҳои таълимӣ ба беш аз 150 адад мизу курсии талабагӣ ниёз доранд. Масалан, дар муассисаи таҳсилоти умумии №2, №14 дар аксари синфҳо хонандагон сенафарӣ нишаста, дар муассисаи №17 хонандагони синфи 7 бинобар сабаби нарасидани синфхона дар хонаи истиқоматӣ таҳсил мекунанд.

Масъалаи харидории кабинетҳои фаннӣ, таҷҳизоти таълимӣ (озмоишгоҳ, тахтаҳои электронӣ, проектор), дар маҷмуъ, боиси нигаронист. Зеро тибқи Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 муассисаҳои таълимии ноҳия бояд бо 3 адад озмоишгоҳ ва 88 адад кабинети фаннӣ таъмин карда мешуд. Санҷиш нишон дод, ки иҷрои барнома 13,6%-ро ташкил медиҳад ва сабаби иҷро нагардидани нақша дар солҳои 2021 ва 2022 ҷудо нагардидани маблағҳои зарурӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия мебошад.

Ҳамзамон, бинои шуъбаи маорифи ноҳия ва муассисаҳои таҳсилоти умумии №20 ва №26 дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14 ба таъмири асосӣ ва навсозӣ ниёз дорад.

Вазъи истифодабарии маводи аёнӣ ва техникӣ дар аксари муассисаҳои таҳсилоти умумии мавриди санҷиш қарор гирифта қаноатбахш нест. Ҳатто дар раванди дарс аз воситаҳои аёнии оддитарин истифода намебаранд.

Назорати дохилимактабӣ яке аз рукнҳои асосии беҳдошти раванди таълим маҳсуб ёфта, масъалаи мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №№6, 17, 8, 5, 3, 25 ва мактабинтернат қобили қабул нест. Санҷиш нишон дод, ки ҳатто дафтарҳои назорат ташкил нагардида, гӯшаи назоратӣ низ мавҷуд нест.

Санҷиши ҳолати рӯзномадорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нишон дод, ки онҳо аз ҷониби роҳбари синф ва падару модар сари вақт санҷида намешаванд, номи вазифаи хонагӣ қайд нашудааст ва баҳо бо журнали синфӣ мувофиқат намекунад.

Зимни санҷиш маълум гардид, ки дар муассисаҳои таълимии ноҳия 70 нафар омӯзгори ғайриихтисос, аз ҷумла, 16 нафар бо ихтисоси ғайрипедагогӣ ва 54 нафар омӯзгори ғайриихтисоси фаннӣ фаъолият мекунад, ки сарбории умумии онҳо 214 соат мебошад.

Дар давоми солҳои 2020-2022 аз 53 нафар мутахассиси ҷавоне, ки тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илм фиристода шуда буданд, 30 нафар ба ҷойи кор ҳозир шуд, ки 56,6%-ро ташкил медиҳад.

Муассисаҳои таълимии ноҳия ба миқдори 7270 адад китоби дарсӣ таъмин шуда бошад ҳам, аммо дар маҷмуъ, таъминоти муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия бо китобҳои дарсӣ 79%-ро ташкил медиҳад.

Санҷиш нишон дод, ки дар давоми солҳои 2021-2022 12 адад кабинети фаннӣ ва 2 озмоишгоҳ харидорӣ шуда, иҷрои барнома 13,6%-ро ташкил медиҳад ва сабаби иҷро нагардидани нақша дар солҳои 2021 ва 2022 ҷудо нагардидани маблағҳои зарурӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия мебошад.

Норасоии асбобҳои физикӣ ва моддаҳои химиявӣ барои таҷҳизонидани кабинетҳои физика, химия ва биология, ҷудо нагардидани маблағ барои аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон, нарасидани мизу курсӣ, набудани толорҳои варзишӣ, бо лавозимоти асосӣ таъмин нашудани кабинетҳои фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва нарасидани омӯзгорон аз фанҳои дақиқ аз ҷумлаи дигар камбудиҳое буд, ки зимни санҷиши муассисаҳои таълимии ноҳия ба мушоҳида расид.

### ЗАФАРОБОД:
### натиҷаи иштироки омӯзгорон ва хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ нокифоя аст

Дар ноҳияи Зафаробод 5 муассисаи томактабии давлатӣ ва 1 кӯдакистон-мактаби ибтидоии хусусӣ бо фарогирии 844 кӯдак фаъолият менамоянд. Дар назди 22 муассисаи таҳсилоти умумӣ 47 гурӯҳи маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 962 кӯдак таъсис дода шудааст.

Инчунин, 25 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо фарогирии 17158 хонанда, аз ҷумла, 8381 духтар фаъолият менамояд, ки 1051 омӯзгор (683 зан) ба таълиму тарбия машғуланд.

Зимни санҷиш маълум гардид, ки рафти иҷрои Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

(Давомаш дар саҳ. 4)

Бахшида ба Рӯзи Парчами давлатӣ дар ноҳияи Рашт ба 90 нафар духтарони мактаб - интернат либосҳои зимистона тақдим шуд.

# Рафъи мушкилот вобаста ба фаъолияти ҳамагонист

*(Аввалаш дар саҳ. 3)*

солҳои 2018-2022 соли 2021 13,7% ва соли 2022 16,7% иҷро гардидаасту халос.

Рафти иҷрои Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021 - 2025 соли 2022 77,7%-ро ташкил медиҳад.

Натиҷаи иштироки омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия дар озмунҳои ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи донoӣ китоб аст" ва "Илм – фурӯғи маърифат" аз он далолат медиҳад, ки нишондиҳандаҳо қаноатбахш набуда, дар озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи донoӣ китоб аст" 3 нафар (2 омӯзгор ва 1 хонанда) ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифта, дар озмуни "Илм –фурӯғи маърифат" ягон нафар ба даври ҷумҳуриявӣ роҳ наёфтааст.

Ҳамчунин, ба таври зарурӣ риоя нагардидани Дастурамали либосҳои тавсиявӣ аз ҷониби қисми зиёди омӯзгорон, бархурдор нагардидани мутахассисони ҷавон аз имтиёзҳо, аз ҷумла, ҷудо нагардидани замини наздиҳавлигӣ, сарикаҷт пардохт нагардидани маблағи сафархарҷии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон аз ҷумлаи дигар камбудию мушкилотест, ки зимни санҷиши гурӯҳи корӣ муайян гардид.

**АЙНӢ: харидории 34 кабинети фаннӣ дар назар аст**

Дар ноҳия 70 муассисаи таълимию тарбиявӣ, аз ҷумла, 55 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 11 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 4 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 1 маркази таҳсилоти иловагӣ, 1 маркази рушди истеъдодҳо ва 1 маркази технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ фаъолият менамоянд.

Айни ҳол дар муассисаҳои таълимии ноҳия 1672 нафар омӯзгор фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора 647 нафар занҳо мебошанд.

Тибқи Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои солҳои 2018–2022 харидории компютерҳо 87% иҷро гардидааст.

Инчунин, зимни санҷиш маълум гардид, ки иҷрои Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ, англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар



муассисаҳои таълимӣ хуб ба роҳ монда шуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, дониши хонандагон ва ташакули маҳорати касбии омӯзгорон тадбирҳои мушаххас андешида шуда истодааст.

Аз ҷониби шуъбаи маориф вобаста ба иҷрои Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ чораҳои мушаххас андешида шуда, соли 2021 15 кабинети фаннии физика, биология, химия ва 15 озмоишгоҳи физика, химия ва биология харидорӣ гардидааст. Инчунин, харидории 34 кабинети фаннии дигар ба нақша гирифта шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳое низ мавҷуданд, ки масъулин бояд ҷиҳати рафъи онҳо таваҷҷуҳи бештар намоянд. Аз ҷумла, зимни санҷиш маълум гардид, ки Оинномаи муассисаҳои таълимӣ якхела буда, ба таҳрири забонӣ ва таҷдид ниёз доранд. Инчунин, бадарсдароии роҳбарони муассисаҳои таълимӣ (директорон ва муовинони директор) нокифоя буда, ҳамзамон, дар баъзе аз журналҳои синфӣ талаботи банди 9-и Дастурамали истифодаи журнали синфӣ риоя нагардидааст.

Кабинетҳои методӣ бо дастур ва адабиёти методӣ қисман таъмин буда, дар фаъолияти омӯзгорон оид ба беҳдошти сифати таълим, навоварӣ ва эҷодкорӣ ташаббусҳои созанда дида намешавад.

Фаъолияти гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилоти муассисаҳои таълимии санҷидашуда начандон хуб буда, сифати баргузории мониторинги сифати таҳсилот қаноатбахш нест.

Ҳарчанд гӯшаҳои гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот насб шуда бошанд ҳам, дар онҳо маводи нав дида намешавад. Муқоисаи сатҳу сифати дониш ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар фаъолияти гурӯҳҳои мазкур кам ба назар мерасад.

*Дар рафти муҳокимаю баррасии масъалаҳо вазири маориф ва илм ба масъулин ҷиҳати андешидани тадбирҳои судманд доир ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, иштироки хонандагону омӯзгорон дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи донoӣ китоб аст», "Илм – фурӯғи маърифат", "Тоҷикистон – Ватани азизи ман!" ва "Тоҷикон" – оинаи таърихи миллат" ва озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, иҷрои ҳатмии нақшаву барномаҳои таълимӣ, таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ ва китобҳои дарсӣ, татбиқи ҳамаҷонибаи барномаҳои давлатӣ дар самти муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ бо озмоишгоҳҳои таълимӣ ва технологияи муосир, дастрасии ҳатмию сарикаҷтии имтиёзҳои муқарраргардида ба омӯзгорони ҷавон, истифодаи мақсадноки биноҳои таълимию заминҳои наздимуассисавӣ, сари вақт аз курсҳои такмили ихтисосу бозомӯзӣ гузаштани омӯзгорон, ҷалби хонандагон ба марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳою марказҳои таҳсилоти иловагӣ ва чанде дигар дастуру супоришҳои мушаххас дода, изҳори нигаронӣ кард, ки аз ҷониби раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят зимни пешниҳоди ҳисоботҳои оморӣ ба саҳлангорӣ роҳ дода шуда, вобаста ба як масъала ба вазорату идораҳо маълумотҳои гуногун пешниҳод карда мешавад.*

*Ҳамзамон, бо истифода аз иштироки муовини раиси вилоят ва муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо вазири маориф ва илм Р.Саидзода даъват ба амал овард, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда, ки аз мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояту шаҳру ноҳияҳо вобаста аст, тадбирҳои сарикаҷтию мушаххас роҳандозӣ карда шавад.*

*Муовини раиси вилояти Суғд Зайнура Азимӣ зикр кард, ки баргузории ҷаласаҳои мушовараҳои сайёр дар вилоят ва баррасии проблемаву мушкилоти ҷойдошта сарикаҷтӣ буда, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва рушди соҳаи маориф дар вилоят мусоидат менамояд.*

*- Воқеан ҳам, эроди вазири маориф ва илм ҷиҳати аз ҷониби шуъбаҳои маорифи вилоят пешниҳод шудани ҳисоботҳои нодуруст гуногун ҷой дорад ва вобаста ба ин, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилоятро зарур аст, ки масъулияти бештар эҳсос намоянд, -зикр кард муовини раиси вилоят З.Азимӣ.*

*Раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулхия Нозакзода таъкид намуд, ки маҳз баргузории ҷаласаҳои сайёр ва баррасии масъалаҳо бо иштироки муовинони раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо боис гардид, ки мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба соҳаи маориф бештар таваҷҷуҳ намуда истодаанд.*

*Дар охир ба сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Деваштич, Шаҳристон, Панҷакент, Кӯҳистони Мастчоҳ, Зафаробод ва Айнии вилояти Суғд дастур дода шуд, ки проблемаву мушкилот ва камбудиҳои зимни санҷиш аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ ошкоргардида дар кутоҳтарин мӯҳлат бартараф ва аз натиҷааш ба Вазорати маориф ва илм маълумот манзур карда шавад.*

ШИНОСОӢ



## Боздид аз мактаби Президентӣ дар шаҳри Бӯстон

***12-уми ноябри соли ҷорӣ вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ба мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Бӯстон ташриф овард.***

Нахуст вазири маориф ва илм Р.Саидзода аз саҳни муассисаи таълимӣ дидан намуда, ба корҳои ободонӣ ва тозагии гирду атрофи он баҳои баланд дод.

Ҳангоми шиносоӣ бо рафти таълиму тарбия дар муассиса маълум гардид, ки дар синфи 7б аз фанни таърих аз теъдоди умумии 33 нафар хонанда 17 нафар, дар синфи 9а аз фанни забони англисӣ (омӯзгор Саидова Заррина) аз теъдоди умумии 28 нафар 15 нафар хонанда дар дарсҳо иштирок доштанд.

Зимни суҳбат бо хонандагон маълум гардид, ки аз ёд намудани 400 калима «Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ» дастраси донишҷӯёну омӯзгорон дар муассисаи таълимӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Ҳамчунин, рафти боздид аз бинои хобгоҳи муассиса маълум гардид, ки хобгоҳ барои 480 нафар хонанда пешбинӣ гардида, дар он, мутаассифона, ҳамагӣ 12 нафар хонанда истиқомат доранд. Ҳарчанд барои фаро расидани фасли зимистон рӯзҳое ба шумор монда бошад ҳам, аммо омодагии муассиса ба давраи зимистонгузаронӣ беҳбудӣ меҳоҳад.

Р.Саидзода-вазири маориф ва илм зимни суҳбат аз омӯзгорон даъват ба амал овард, ки ҷавобан ба ғамхориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба соҳаи маориф фаъолиятро дучанд ба роҳ монда, дар тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносию ватандӯстӣ, ҳамеша тозаву озода нигоҳ доштани муҳити муассисаи таълимӣ ва муҳимтар аз ҳама, дар самти баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони хуби забондон бештар саҳмгузор бошанд.

Дар охир аз ҷониби вазири маориф ва илм ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар муассисаи таълимӣ ба роҳбарияти дастур супоришҳои мушаххас дода шуд. Махсусан, таъкид гардид, ки давомоти хонандагон пурра таъмин гардида, ҷиҳати иштироки хонандагон дар озмуну олимпиадаҳо, аз ҷумла, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи донoӣ китоб аст», "Илм – фурӯғи маърифат", "Тоҷикистон – Ватани азизи ман!" ва "Тоҷикон" – оинаи таърихи миллат" тадбирҳои судманд андешида шавад.

***Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм***

ТАШАББУС

## Китобхона таъмир шуд

Китобхонаи деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рӯшон дари худро ба рӯйи китобдӯстон боз намуд. Он бо ташаббуси сокини ин деҳа Худомон Муборакқадамов ва шарикони рушд аз таъмири асосӣ бароварда шуд. Шогирдони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 10, ки соҳиби чунин як боргоҳи маърифат шуданд, хушнудии худро бо қироати шеърҳо дар васфи китоб, забони давлатӣ, Ватан баён намуданд.

Солҳои зиёд китобхона дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, баъди таъмири хуб бо мизу курсӣ, компютер таъмину барои китобдӯстон шароити хуб муҳайё карда шудааст.

***Ҷ.ҚОЗИБЕКОВ, «Омӯзгор»***

Дар Донишкадаи ҳарбӣ тахти унвони «Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ вазифаи шаҳрвандии ҳар яки мост» рӯзи дарҳои кушод гузаронида шуд.

СОЗАНДАГӢ

# Шиносоӣ бо вазъи Донишкадаи саноат ва хизматрасонӣ

***16-уми ноябри соли ҷорӣ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода аз Донишкадаи саноат ва хизматрасонӣ дидан намуд.***

Нахуст Р. Саидзода аз саҳни донишкада боздид ба амал оварда, бо базаи моддиву техникӣ шинос шуд. Ҳамзамон, вазир вориди синфхонаҳои тахассусӣ ва утоқу озмоишгоҳҳо шуда, бо раванди таълим ошно гардида, ба шароиту имкониятҳои синфхонаҳои таълимӣ, компютерӣ, озмоишгоҳҳо ва китобхонаи электронӣ баҳои баланд дода, бо омӯзгорон ва донишҷӯён суҳбати озоду самимӣ анҷом дод.

Вазири маориф ва илм зимни суҳбат бо роҳбарияти донишкада дар бораи ғамхорӣ ва дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таваҷҷуҳи доимии давлату Ҳукумат нисбат ба соҳаи маориф ёдовар шуда, таъкид кард, ки ҷавобан ба ғамхориҳои Роҳбари давлату Ҳукумат кормандони соҳа бояд фаъолияти назаррас намоянд. Инчунин, донишҷӯён бо истифода аз шароити хуби муҳайёшуда бо баҳои хубу аъло таҳсил карда, ҳамчун мутахассисони варзида ва дорои қобилияти баланд дар пешрафти кишвари азизамон Тоҷикистон саҳми назаррас гузоранд.



Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз роҳбарияти донишкада иштироки пурраи донишҷӯёнро ба дарсҳо ва таъмини иштироки онҳоро дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», “Илм – фурӯғи маърифат”, “Тоҷикистон – Ватани азизи ман!” ва “Тоҷикон” – оинаи таърихи миллат”махсус қайд кард.

Маълум гардид, ки “Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дастраси донишҷӯёну омӯзгорон” нагардида, давомоти донишҷӯён дар сатҳи зарурӣ қарор надорад.

Зимни суҳбат бо донишҷӯёни ихтисоси автомобил ва хоҷагии автомобилӣ, таъмини барқ, метрология, стандартизатия ва сертификатсия таъкид намуд, ки соҳае, ки донишҷӯён интихоб кардаанд, барои хоҷагии халқи мамлакат зарур буда, омӯзиши пайвастаро тақозо менамоянд. Дар баробари омӯзиши донишҳои ихтисосӣ, забондон гардидани донишҷӯёнро вазир талаби замон унвон кард ва аз муҳассилин даъват ба амал овард, ки ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ бештар таваҷҷуҳ намоянд.

Раҳим Саидзода-вазири маориф ва илм, ба роҳбарияти донишкада супориш дод, ки ҷиҳати омода намудани донишҷӯён ба озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ чораандешӣ намуда, тарбия намудани донишҷӯён дар руҳияи масъулиятшиносию ватандӯстӣ ва баланд бардоштани мафкураи техникии онҳо диққати махсус зоҳир намоянд.

# «Аладдин» мавриди истифода қарор гирифт

15 ноябр дар шаҳри Истаравшан бо иштироки раиси шаҳр Адҳам Маъмурзода Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Аладдин» ба истифода дода шуд.

15 ноябр дар доираи ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва бахшида ба 30-юмин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки раиси шаҳри Истаравшан Адҳам Маъмурзода, роҳбари гурӯҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулҳафиз Ашӯрзода ва намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёратшоҳ Назруллозода Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Аладдин»ифтитоҳ гардид.



Муассисаи таҳсилоти томактабии мазкур дар шаҳраки «Гули Сурх»-и шаҳри Истаравшан ҷойгир буда, аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Маҳина Сиддиқова дар масоҳати умумии 467 метри мураббаъ бо сарфи қариб 1 млн сомонӣ бунёд карда шудааст.

Бинои муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Аладдин» аз 2 ошёна, 3 синфхонаи машғулият, ҳуҷраи бозии кӯдакон, ошхона, ҳуҷраи тиббӣ, анборхона ва ҳуҷраи ёрирасон иборат аст. Муассиса дар айни замон имкони ба таҳсил фаро гирифтани 100 нафар тарбиятгирандаро доро мебошад.

ҲАМОИШ

# Кафили ҷомеаи ҳуқуқбунёд

***Бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №71, ба номи Юсуф Акобирови шаҳри Душанбе бахшида ба 30 – солагии Иҷлосияи XV1 Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Иҷлосияи таърихии саодатофар» баргузор гардид.***

Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илми филологӣ, профессор Муҳаммаддовуди Саломиён доир ба нақши иҷлосия дар сарнавишти мардуми тоҷик ва роҳҳои расидан ба ҳалли масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодиву фарҳангӣ ва илму маориф андешаронӣ кард.



Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, номзади илмҳои физика – математика Асадулло Наҷмиддиниён доир ба пешрафти соҳаҳои ҷомеа, хусусан, дастовардҳои соҳаи маориф сухан гуфт. Профессор Саъдуллоҷон Неъматов оид ба қарору қонунҳои матраҳгардида дар иҷлосия андешаронӣ кард. Мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансур Ҷамила Мӯсоҷонзода доир ба мавзуи «Иҷлосияи XV1 – мактаби бузурги ҳаёт ва сабақи нотакрори давлатдорӣ» изҳори назар кард.

Дар поёни ҳамоиш шогирдони мактаб дар ситоиши Пешвои миллат ва иҷлосияи таърихӣ аз ашъори шоирон намунаҳо қироат карданд.

# Иҷлосияи таърихӣ ва сиёсати забони давлатӣ

Дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Иҷлосияи XXV1 Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «30 соли Иҷлосияи таърихӣ ва сиёсати забони давлатӣ» бо иштироки як қатор олимону донишмандони соҳаҳои мухталиф конференсияи илмию амалӣ барпо гардид. Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филологӣ Олимҷон Муҳаммадҷонзода аз ҳадафҳои Иҷлосияи таърихии соли 1992 сухан гуфта, афзуд, ки он дар давраи басо ҳассоси ҷомеа бо мақсади таъмини саривақтии сулҳу оромӣ дар кишвар, ҳамдигарфаҳмӣ ва аз нобудӣ нигоҳ доштани давлат ва монанди ин даъват шуда буд.

Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур Нилуфар Каримзода доир ба инкишофи соҳаҳои гуногуни ҷомеа дар ҷумҳурӣ андешаронӣ карда, самараи пешрафти ҷомеаро аз натиҷаҳои чораҳои судманди иҷлосия номид. Муовини директори Академияи ВАО-и Тоҷикистон, номзади илми филология Ҳақназар Каримзода дар мавзуи «Истиқлолият ва забони миллӣ», ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АМИТ, номзади илми таърих Ҷӯрабек Мирзоев оид ба мавзуи «Иҷлосияи XXVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – оғози давлатдории навини тоҷикон», муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатии Осиё ва Аврупои АМИТ, номзади илми таърих Азимҷон Раҳимзода дар мавзуи «Пешвои миллат – шахсияти барҷастаи таърихӣ дар Иҷлосияи тақдирсоз», сардори раёсати илм ва инноватсияи ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, номзади илми таърих Фаридун Миракзода оид ба «Баррасии масоили ҳифзи арзишҳои миллӣ ва давлатдорӣ дар иҷлосия» андешаронӣ карданд.

*Ҳотами ҲОМИД,*
*Омӯзгор»*

ДАСТОВАРД

## 85 МУАССИСАИ НАВИ СОҲА

Дар ҳисоботи нуҳмоҳаи раиси ВМКБ зикр шуд, ки иҷрои барномаи компютеркунонӣ дар вилоят 150 фоизро ташкил дода, хонандагони муассисаҳои таълимии вилоят дар нуҳ моҳи соли равон дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ соҳиби 105 медал гардиданд, ки аз онҳо 21 медали тилло, 21 нуқра ва 63 медали биринҷӣ мебошанд. Дар ин муддат сохтмони 11 муассисаи соҳаи маориф ба маблағи умумии 101,1 млн сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Дар соли таҳсили 2021 - 2022 барои 81 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят стипендияи Президентӣ, 10 нафар стипендияи раиси вилоят ва барои 21 нафар стипендияи раисони шаҳру ноҳияҳо муқаррар гардид. Тибқи нақшаи чорабиниҳо дар панҷ соли оянда дар қаламрави вилоят 85 муассисаи соҳаи маориф сохта ба истифода дода мешавад.

## ҚАДРШИНОСИИ ШОИР

Рӯзи 7-уми ноябр дар деҳаи Умараки ноҳияи Дарвоз осорхона ва пайкараи Шоири халқии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ Муъмин Қаноат мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Аз ҷониби соҳибкорони ватандӯсти ноҳия барои анҷом додани ин амали хайр 4 миллион сомонӣ сарф шудааст.

Дар осорхона нигораҳои нодир, аз қабили нишону мукофотҳои давлатӣ, асарҳои шоир, аксу мусавваҳо бо чеҳраҳои шинохтаи кишварҳои хориҷӣ ва дигар ашёҳои қиматбаҳо ҷо дода шудааст.

Хонандагони мактаби деҳа аз ашъори ҳамдеҳи худ, шоири тавонои миллат намунаҳо қироат карданд. Дар ифтитоҳи осорхона ва пайкара Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода, Раиси ВМКБ Мирзонабот Алишер Худобердӣ ва дигар шахсони расмӣ ширкат доштанд.

*Ҷ.ҚОЗИБЕКОВ,*
*«Омӯзгор»*

**23 ноябр бахшида ба Рӯзи Парчами давлатӣ дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев барномаи бошукӯҳи фарҳангӣ доир гардид.**

*Қарз ба душман ӯро дӯст гардонад, қарз ба дӯст ӯро аз миён бубарад.*
*Бенҷамин Франклин*



ИДЕОЛОГИЯ

# Мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм – вазифаи муҳим

***Дар замони муосир яке аз ҷиноятҳое, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат хавфи ҷиддӣ ба миён меоварад, ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта мебошад.***

Мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм қисми таркибии таъмини амнияти на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Вазъи бӯҳронии ҷомеа, пеш аз ҳама, дар иқтисодиёт, мавҷудияти муноқишаҳои иҷтимоию сиёсӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байнимазҳабӣ барои ба миён омадани чунин ҷиноятҳо, ба монанди терроризм ва экстремизм мусоидат мекунад. Дар охири қарни гузашта ва ибтидои ҳазораи нав амалҳои ифротгароӣ ва террористӣ бештар характери сиёсӣ гирифта, доираи фаъолияти террористон хеле васеъ гардида истодааст. Бо инкишофи техника ва технологияи нав шаклу намудҳои нави амалҳои террористӣ ба вуҷуд омаданд, ки аз рӯйи иқтидори харобиовариашон ба амалиёти калони ҷангӣ шабоҳат доранд.

Махсусан, хавфнок будани терроризм дар он ифода меёбад, ки асоси онро кӯшиши ҷиноятҳо дар қобили ба вуҷуд овардани ҳиссиёти тарсу воҳима, фалаҷ сохтани фаъолияти фоиданоки иҷтимоии шаҳрвандон, кори муътадили мақомоти давлатию идоракунӣ ва бо ҳамин, ноил шудан ба мақсадҳои зиддиҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Дар муқобили терроризм ва экстремизм аз ватандустӣ ва инсондӯстӣ дида, дигар қувваи бузурге нест. Баъзе ҷавонон бо сабаби ноогоҳии сиёсӣ ва надонистани ҳуввияти милливу эҳсоси ватандӯстию инсондӯстӣ оқибати рафтори худро дарк накард, ба ин роҳ меравaнд ва ба Ватану миллати хеш хиёнат мекунанд. Барои ин, мо бояд ҷавонони имрӯзаро дар руҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ тарбия намоем. Бояд дарк кард, ки нафарони ба гурӯҳи террористӣ ва экстремистӣ шомилгашта роҳи наҷот надоранд ва номи ин ашхос ҳамчун хоини Ватан дар таърих бо ҳуруфи сиёҳ сабт хоҳад шуд Ҳамаҷониба густариш бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус, ҷавонону наврасон яке аз ҳадафҳои имрӯзаи рушди давлатдории миллӣ маҳсуб мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии худро ба роҳ монда, ҳамчун давлати мустақил ва соҳибихтиёр, инчунин, узви комилҳуқуқи Созмони Миллали Муттаҳид ва ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ алайҳи мубориза зидди терроризм ҳамроҳ шуда, дар як муддати кӯтоҳ қонунгузории дохили кишварро ба низом даровaрда, қонунҳою стратегияҳои зеринро қабул карда, онҳоро мавриди амал қарор дод.

Дар Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян гардида, вазифаҳои мақомоти давлатӣ ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои ба экстремизм ва терроризм мусоидаткунанда мушаххас шудааст. Дар стратегияи мазкур, аз ҷумла, қайд шудааст, ки мақсадҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, тамомияти арзии давлат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти ҷамъиятӣ, ҳифзи аҳолӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҳдидҳои экстремистӣ ва террористӣ мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон пешгирӣ ва мубориза бар зидди терроризмро ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ ва тамоми ҷаҳон баррасӣ намуда, барои тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои муштарак дар ин самт баромад мекунад.




Дар айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муқовимат нишон додан бар терроризм якчанд конференсияи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро оид ба мубориза бар зидди терроризм ташкил ва баргузор намуда, бори дигар ба ҷаҳониён исбот намуд, ки иродаи кишвари мо алайҳи мубориза бар зидди терроризм қавӣ мебошад.

Мардуми Тоҷикистон терроризмро дар тамоми шаклҳо ва зуҳуроташ маҳкум карда, зарурати мутобиқати амали ҷомеаи ҷаҳониро оид ба решакан кардани ин падидаи номатлуб дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ муҳим медонанд.

Ҳамин тариқ, барои пойдории сулҳу суботи ҷомеа, сохтори конститутсионии он, таъмини амният ва ҳифзи арзишҳои моддиву маънавӣ имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон узви фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкории Дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар созмону ташкилотҳои байналхалқӣ буда, ҳамкориҳои судманди сиёсию ҳарбӣ, иҷтимоию фарҳангиро ба роҳ монда, барои аз байн бурдани омилҳои террористӣ ва экстремизми динӣ саҳми муносиби хешро мегузорад.

***Мухбира ШОКИРОВА,***
***Зебо ВОҲИДОВА,***
***устодони кафедраи***
***ТИКБ-и ДДҲБСТ***

ТАРБИЯ

# Масъулиятшинос бошем

***Тарбияи фарзанд дар руҳияи ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ аз ҳадафҳои муҳими Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба ҳисоб меравад.***

Бинобар ин, тавассути қонуни мазкур волидону омӯзгорон ва аҳли ҷомеа масъул гардидаанд, ки дар роҳи бакамолрасии насли ояндасоз кӯшишу ғайрат ба харҷ диҳанд. Моро лозим аст, ки ҷавонону наврасонро дар роҳи илмомӯзӣ, тарбияи меҳандӯстӣ ва хештаншиносӣ ба воя расонем, то онҳо чун ояндасозони Ватан дуруст ба камол расанд.

Барои созандаву хушахлоқ ва бообрӯ ба воя расидани фарзандон бояд ҳамагӣ масъул бошем. Ба наврасону ҷавонон бояд омӯзонд, ки ҳурмату эҳтироми калонсолонро ба ҷо оранд, ба оворагардиву корҳои беҳуда машғул нашаванд, вақти пурқимати худро ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ва омӯхтан сарф намоянд, номбардори падару модар ва ватани азизи хеш бошанд. Гузаштагонамон низ ба ин ҷанбаи зиндагӣ, яъне тарбияи фарзанди хушахлоқу боодоб ва донишманду закӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд.

Бузургони илму адаб бо офаридани осори ғаниву пурбаҳои хеш тавонистаанд ояндагонро аз илму ахлоқ баҳраманд созанд. Хусусан, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Баҳористон»-и Мавлоно Ҷомӣ, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ ва монанди инҳо сар то сар фарогири раҳнамоиҳои наку буда, дастуроти муҳимеанд дар таълиму тарбияи наврасону ҷавонон.

Роҳбари Давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: «Рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шароити кунунӣ ҳар як падару модарро водор месозад, ки барои таълиму тарбияи фарзанд масъул бошанд, зеро саҳлангорӣ ва бетарафӣ дар тарбияи фарзанд ба раванди инкишофи минбаъдаи ҷомеаи мо монеъ мегарданд». Ин аст, ки масъалаи ояндасозони ҷомеа тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, тариқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи маориф» ива дигар меъёрҳои қонунгузорӣ ба танзим дароварда шудааст. Ҳаминро ҳам бояд ёдовар гардид, ки баҳри қабули Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таклифу пешниҳодҳои ҷамъият ба инобат гирифта шуд, мардум тариқи сохторҳои мухталиф ва ВАО дархостҳои худро ирсол намуданд ва комиссияи босалоҳият таклифҳои муҳимро ба назар гирифта, зимни қабули қонун онҳоро фаровон мавриди истифода қарор доданд. Инчунин, дар давраи муҳокимаи лоиҳаи қонуни мазкур мақомоти давлатӣ, вазорату идораҳо, корхонаю муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо фаъолона ширкат намуданд.

Дарвоқеъ, таълим ва тарбия аз масъалаҳои хелу муҳими замони мо ба шумор меравад. Хусусан, дар ҳолате ки дар кулли манотиқи олам даргириҳои шадид ба амал меоянд, идора, назорат ва роҳбаладии насли наврас аз вазифаҳои пурмасъулияти падару модар, омӯзгор ва умуман, аҳли ҷомеа маҳсуб меёбад. Барои ба роҳи росту дурусти ҳаёт қадам задани насли ҷавону наврас ва дар руҳияи хештаншиносӣ ба воя расидани онҳо ҳар кадоми мо масъулем.

***Нодира ҚОДИРЗОДА,***
***директори МТМУ №19,***
***ноҳияи Рӯдакӣ***

АРҶГУЗОРӢ

# Мактаби омӯзандаи устод Лутфуллозода

Аз моҳи августи соли 2020 аз ҳисоби китобхонаи шахсии академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Муҳаммадулло Лутфуллозода дар «Толори академикон ва докторони илм»-и Китобхонаи миллӣ гӯшаи устоди арҷманд бо теъдоди зиёда аз 900 нусха китоб ташкил карда шудааст, ки хонандагон аз ин ганҷинаи бебаҳо истифода мебаранд.



**Муаррифӣ:** Устод Муҳаммадулло Лутфуллозода умри бобаракат ва пурсамари худро ба таълиму илмомӯзӣ бахшидааст. Аз кӯдакони боғча сар карда, то муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути китобҳои «Лафзи ширин» (дар ҳаммуаллифӣ), «Алифбо», «Забони модарӣ» (Барои синфҳои 1, 2, 3, 4), «Маҷмуаи имло дар синфҳои ибтидоӣ», «Педагогикаи шафқат», «Дидактикаи муосир», «Педагогикаи башар», «Инсон ва тарбия», «Эҳёи педагогикаи Аҷам», «Педагогикаи миллии халқи тоҷик», «Тоҷикистони соҳибистиқлол ва маорифи навин», «Дастури фаъолияти омӯзгор», «Асосҳои таълим», «Шарафномаи миллат», «Фарзанд - ҳадияи Худованд», «Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ» (дар ҳаммуалифӣ), «Тоҷикистон - Ватанам, ифтихорам», «Тулуи хуршеди истиқлол ва масъалаҳои тарбия», «Дар хизмати маорифи Афғонистон», «Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (ҳаммуаллифӣ) ва ғайра бо номи устод шинос ҳастанд.

Устод Лутфуллозода Муҳаммадулло муаллифи зиёда аз 230 асари илмию таҳқиқотӣ, бештар аз 620 мақолаи илмию методӣ ва оммавӣ мебошанд. Устод бо нишони “Аълочии маорифи Тоҷикистон”, унвонҳои Корманди шоистаи Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон ва ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр карда шудаанд.

Ба хотири хизматҳои арзандаву шоистаи устод М. Лутфуллозода дар рушди илму маориф ва мактаби миллии кишвар дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҳамоиш баргузор гардид. Дар он олимону донишмандони номвари ҷумҳурӣ доир ба фаъолияти пурсамару омӯзандаи устод суханронӣ карданд. Пешниҳод шуд, ки дар назди АТТ Мактаби устод Лутфуллозода таъсис дода шавад.

Дар охир китоби тозанашри устод бо номи «Чаҳоргонаи тарбия» ба иштирокдорон тақдим шуд.

***«ОМӮЗГОР»***

Аз 22 то 26 ноябр Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Туркманистон баргузор мегардад.

Ш

| | | |
|---|---|---|
| **Шавқовар** | интересный | *interesting ['ıntrıstıŋ]* |
| **Шанбе** | суббота | *Saturday [ˈsætədı AmE: ˈsætərˌdeı]* |
| **Шарқ** | восток | *East [i:st]* |
| **Шарм** | стыд | *shame [ʃeım]* |
| **Шармгин** | стыдливый | *ashamed [ə'ʃeımd]* |
| **Шартнома** | договор | *agreement [ə'gri:mənt]* |
| **Шаҳр** | город | *city ['sıtı] , town [taun]* |
| **Шаҳрванд** | гражданин | *citizen ['sıtız(ə)n]* |
| **Шер** | лев | *lion ['laıən]* |
| **Шеър** | стихотворение | *poem ['pəuım]* |
| **Шимол** | север | *North [nɔ:θ]* |
| **Ширин** | сладкий | *sweet [swi:t]* |
| **Шиша** | стекло | *glass [gla:s]* |
| **Шоир** | поэт | *poet ['pəuıt]* |
| **Шоҳмот** | шахматы | *chess [ʧes]* |

Э

| | | |
|---|---|---|
| **Эҳтиёт** | осторожность | *caution ['kɔ:ʃ(ə)n]* |
| **Эҳтиёҷ** | нужда | *need [ni:d]* |
| **Эҳтимол** | вероятно | *perhaps [pə'hæps]* |
| **Эҳтиром** | уважение | *respect [rı'spekt]* |
| **Эҷод** | творение | *create [krı'eıt]* |
| **Эъломия** | декларация | *declaration ['deklə'reıʃ(ə)n]* |
| **Эълон** | объявление | *announcement [ə'naunsmənt]* |

Я

| | | |
|---|---|---|
| **Якдилӣ** | согласие | *united [ju:'naıtıd]* |
| **Якзайл** | однообразно | *uniformly [junifo:mli]* |
| **Якчанд** | несколько | *several ['sev(ə)rəl]* |
| **Якҷоя** | вместе | *together [tə'geðə]* |
| **Якшанбе** | воскресенье | *sunday ['sʌndı]* |
| **Яроқ** | оружие | *arms [a:mz], weapon ['wepən]* |
| **Ятим** | сирота | *orphan ['ɔ:f(ə)n]* |
| **Ях** | лёд | *ice [aıs]* |
| **Яхбандӣ** | леденение | *freeze [fri:z]* |
| **Яхдон** | холодильник | *refrigerator[rı'frıdʒəreıtə], fridge [frıdʒ]* |
| **Яхмос** | мороженое | *icecream ['aıs'kri:m]* |





# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЛУҒАТИ
## ВОЖАҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

***(Барои омўзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷўёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

**Душанбе**
**2022**



| | | |
|---|---|---|
| **Имзо; имзо кардан; имзо гузоштан; ба имзо расидан** | подпись; подписать; подлежит подписанию | *signature [ˈsıgnətʃə]; to sign [tu saın]; to be signed [tu bi: saınd]* |
| **Ислоҳ кардан** | корректировать; исправлять | *to correct [tu kə'rekt]* |
| **Истиқлол, истиқлолият** | независимый, независимость | *Independent [ındı'pend(ə)nt], Independence [ındı'pend(ə)ns]* |

К

| | | |
|---|---|---|
| **Кабир** | великий | *great [greit]* |
| **Кабуд** | синий | *blue [blu:]* |
| **Кабўтар** | голубь | *pigeon [ˈpıdʒın], dove [dʌv]* |
| **Калид** | ключ | *key [ki:]* |
| **Калон** | большой | *big [big], huge [hju:dʒ], large [la:dʒ]; old [əold]; great [greit]* |
| **Канор, кунҷ** | край, уголь | *edge [edʒ], border [ˈbɔ:rdər],corner [ˈkɔ:rnər]* |
| **Касал** | больной | *sick [sik], ill [il]* |
| **Касалхона** | больница | *hospital [ˈhɒspıt(ə)l]* |
| **Касб** | профессия | *Profession [prəˈfeʃ(ə)n], job [ʤɒb]* |
| **Киса** | карман | *pocket [ˈpɒkıt]* |
| **Китоб** | книга | *book [bu:k]* |
| **Китобхона** | библиотека | *library [ˈlaıbrerı]* |
| **Кишвар** | страна | *country [ˈkʌntrı]* |
| **Корхона** | контора, офис, учреждение | *office [ˈɒfıs],institution [ˌınstıˈtu:ʃn]* |
| **Курта** | платье, блузка | *dress[dres]; shirt [ʃɜ:t]* |
| **Кўдак** | ребёнок | *child [ʧaıld], kid [kid] infant [ˈınf(ə)nt]* |
| **Кўл** | озеро | *lake [leik]* |
| **Кумак** | помощь помогать | *help [hrlp], assistance [ə'sıst(ə)ns]* |
| **Кўдакистон, муассисаи томактабӣ** | детский сад | *kindergarten [ˈkındəˌga:d (ə)n]* |

Қ

| | | |
|---|---|---|
| **Қабулгоҳ** | приёмная | *reception [rıˈsepʃ(ə)n]* |
| **Қайчӣ** | ножницы | *scissors [ˈsızəz]* |
| **Қалам** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Қаламрав** | территория | *territory [ˈterıt(ə)rı]* |
| **Қалъа** | крепость | *citadel [ˈsıtəd(ə)l]* |
| **Қанд** | конфета | *sweets [swi:ts], candy [ˈkændı]* |
| **Қарор** | решение | *decision [dıˈsıʒ(ə)n], resolution [rezəˈlu:ʃ(ə)n]* |
| **Қатра** | капля | *drop [drɒp]* |
| **Қафас** | клетка | *cage [keıdʒ]* |
| **Қиматбаҳо** | драгоценный | *voluable [væljuəbl]* |
| **Қолин** | ковер | *carpet [ˈka:pıt]* |
| **Қонун** | закон | *law [lɔ:]* |
| **Қошуқ** | ложка | *spoon [spu:n]* |
| **Қудрат, қувватбахш** | сила, мощь | *power [ˈpauə]* |
| **Қуттӣ** | коробка | *box [bɒks]* |

Л

| | | |
|---|---|---|
| **Лагер** | лагерь | *camp [kæmp]* |
| **Ларзидан** | трясти, дрожать | *to shake [ʃeık], to shiver [ʃıvə]* anekdot |
| **Латифа** | анекдот | *joke [dʒəok]* |
| **Лаҳза** | момент | *instant [ˈınst(ə)nt], moment [ˈməom(ə)nt]* |
| **Лаҳҷа** | диалект | *dialect [ˈdaıəlekt]* |
| **Либос** | одежда | *clothes [kləʊ(ð)z]* |
| **Либосдўзӣ** | шитьё одежды | *sewing clothes [ˈsəʊıŋ kləʊ(ð)z]* |
| **Либоси расмӣ** | официальная одежда | *official clothing [əˈfıʃ(ə)l ˈkləʊðıŋ]* |
| **Либосовезак** | вешалка | *coat-hanger [ˈkəot ˈhæŋə]* |
| **Лижа** | лыжи | *ski [ski:]* |
| **Лижаронӣ** | катание на лыжах | *skiing [ˈski:ıŋ]* |
| **Лиму** | лимон | *lemon [ˈlemən]* |
| **Лола** | тюльпан | *tulip [ˈtu:lıp]* |
| **Луғат** | словарь | *dictionary [ˈdıkʃ(ə)n(ə)rı]* |
| **Лўбиё** | фасоль | *bean [bi:n]* |

М

| | | |
|---|---|---|
| **Мавод** | материал | *material [məˈtırıəl], stuff [stʌf]* |
| **Майдон** | площадь | *square [skweə]* |
| **Мактаб** | школа | *school [sku:l]* |
| **Мактуб** | письмо | *letter [ˈletə]* |
| **Манзара** | пейзаж | *landscape [ˈlæn(d)skeıp]* |
| **Маориф** | образование | *education [edʒʊˈkeıʃ(ə)n]* |

***Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2022, №1337 омӯзиш ва азёд кардани 400 вожаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм ҳатмӣ дониста шудааст.***
***Мухлати омӯзиш ва азёд кардани луғат то санаи 31.12.2022 муайян шудааст.***

## РАҲНАМОЕ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар баркарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд. Ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷиро барои насли ояндасози кишвар зарур шуморида, ҷиҳати азхуд кардани онҳо пайваста дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсоз медиҳанд.

Қабул гардидани "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438) Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳоро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ тамоми шароитҳоро фароҳам созанд.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва донистану такмили забонҳои русию англисӣ дастури раҳнамои "Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ"-ро омода карда, донистани онро барои тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯён ҳатмӣ эълон мекунад.

Луғати мазкур 400 вожаи серистеъмолеро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар зиндагии рӯзмарра бо забони модарӣ пайваста мавриди истифода қарор мегиранд ва маънои онҳо маълуму фаҳмо аст. Ҳамзамон, донистани ин калимаҳо маҳорату малакаи забономӯзиро ташаккул дода, зимни азёд кардани вожаҳо шавқу рағбат барои донистани забонҳои русию англисӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Яъне луғати мазкур чун як раҳнамо хидмат хоҳад кард.

Шакли электронии ин луғат дар сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои муассисаҳои зерсохтори он ҷо карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон тақозо карда мешавад, ки дар амалигардонии ин иқдоми вазорат масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғатҳо хонандагону донишҷӯёнро раҳнамоӣ ва назорат намоянд.

Дар иҷрои ин амали нек ва иқдоми боманфиат дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ба шумо бароро комёбӣ орзу менамоем.

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**





| | | |
|---|---|---|
| **Ҳақ** | истина, правда | *right [raɪt], privilege ['prɪvɪlɪʤ]* |
| **Ҳаққи хизмат** | заработная плата, оклад | *wages [weiʤ]* |
| **Ҳақиқат** | правда | *truth[tru:θ], reality [rɪ'ælɪtɪ]* true *[tru]* |
| **Ҳама** | весь, вся, всё | *all[ɔ:l], everyone['evrɪwʌn], everything ['evrɪθɪŋ]* |
| **Ҳамкор** | коллега, сотрудник | *colleague ['kɔli:g], coworker ['kəu'wɜ:kə]* |
| **Ҳамкорӣ** | сотрудничество | *cooperation [kəʊˌɒpə'reɪʃn]* |
| **Ҳамоҳангсоз** | координатор | *co-ordinator [kəu'ɔ:dɪnetə]* |
| **Ҳамроҳ** | вместе, спутник | *together[tə'geðə], travelling companion ['træv(ə)lɪŋkəm'pænɪən]* |

### Ӯ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷӯб** | палка, древесина | *wood[wud]* |
| **Ҷӯпон** | пастух | *shepherd ['ʃepəd]* |
| **Ҷутка** | щётка | *brush [brʌʃ]* |
| **Ҷӯҷа** | цыплёнок | *chick [ʧik]* |

### Ҷ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷавоб** | ответ | *answer ['a:nsə]* |
| **Ҷавон** | молодой | *young [jʌŋ]* |
| **Ҷавонӣ** | молодость | *youth [juθ]* |
| **Ҷадвал** | линейка | *ruler ['ru:lər]* |
| **Ҷамъ** | совокупность, сумма, итог | total [toutl] |
| **Ҷамъият** | общество | *society [sə'saɪətɪ]* |
| **Ҷанг** | война | *war [wɔ:]* |
| **Ҷануб** | юг | South [sauθ] |
| **Ҷонишин** | заместитель директора | *deputy director ['depjutɪ d(a)ɪ'rektə]* |
| **Ҷонибдор** | сторонник | *supporter [sə'pɔ:tə]* |
| **Ҷорӣ** | текущий | *folowing ['fɔləuɪŋ]* |
| **Ҷорӯб** | веник | *broom [bru(:)m]* |
| **Ҷумҳурӣ** | республика | *republic [rɪ'pʌblɪk]* |
| **Ҷуворӣ** | кукуруза | *corn [kɔ:n]* |
| **Ҷумъа** | пятница | Friday ['fraɪdɪ] |





| | | |
|---|---|---|
| **Маош** | заработная плата | *salary ['sælərɪ], wages ['weɪdʒɪz]* |
| **Мардум** | люди | *people ['pi:p(ə)l]* |
| **Маҷлис** | собрание, совещание | *meeting ['mi:tɪŋ]* |
| **Меҳмон** | гость | *guest [gest]* |
| **Меҳмонхона** | гостиная, гостиница | *living room ['lɪvɪŋ ru:m], hotel [həʊ'tel]* |
| **Меҳнат** | труд, работа | *labour ['lei.bə],work [wɜ:k]* |
| **Миллат** | нация, националь-ность | *nation ['neɪʃ(ə)n], nationality [næʃə'nælɪtɪ]* |
| **Минтақа** | местность, регион | *area ['eərɪə], region ['ri:dʒ(ə)n]* |
| **Модаркалон** | бабушка | *grandmother ['græn(d)mʌðə]* |
| **Мулоқот, вохӯрӣ** | встреча | *meeting ['mi:tɪŋ]* |
| **Муошират** | общение, коммуникация | *communication[kəˌmju:nɪ'keɪʃn]* |

### Н

| | | |
|---|---|---|
| **Набера** | внук, внучка | *grandchild ['græn(d)tʃæɪld]* |
| **Нав** | новый | *new [nju:]* |
| **Навбатдор** | дежурный | *duty ['dju:tɪ]* |
| **Намак** | соль | *salt [sɔ:lt]* |
| **Нарх** | цена | *price [praɪs], cost [kɒst]* |
| **Насаб** | фамилия | *surname ['sɜ:neɪm]* |
| **Нафар** | человек, персона | *person ['pɜ:sn]* |
| **Нашр** | публикация | *publication [ˌpʌblɪ'keɪʃ(ə)n]* |
| **Нигоҳ доштан** | хранить, удерживать | *to keep [ ki:p], to hold [ həʊld]* |
| **Нишастан** | сидеть | *to sit [sit]* |
| **Нишонӣ** | адрес | *address [ə'dres]* |
| **Нодуруст** | неправильный | *false [fɔ:ls], incorrect [ɪnkə'rekt]* |
| **Нӯшидан** | пить | *to drink [drɪŋk]* |
| **Нотарс** | храбрый | *brave [breɪv]* |
| **Намоянда** | представитель | *representative [reprɪ'zentətɪv]* |

### О

| | | |
|---|---|---|
| **Об** | вода | *water ['wɔ:tə]* |
| **Обу ҳаво** | погода | *weather ['weðə]* |
| **Овоз** | голос | *sound [saʊnd], noise [nɔɪz]* |
| **Оғоз** | начало | *beginning [bɪ'gɪnɪŋ], start [sta:t]* |
| **Одам** | человек | *man [mæn], person ['pɜ:sn]* |
| **Одат** | привычка | *custom ['kʌstəm]* |
| **Одоб** | воспитанность | *courtesy ['kɜ:rtəsɪ]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *['femənɪn]* |
| **Занг** | звонок | *bell [bel]* |
| **Занг задан** | звонить, сделать телефонный звонок | *to make a phone call [tu meik ə fəʊn kɔ:l], to call [tu kɔ:l] , to phone [tu fəʊn]* |
| **Зарар** | вред, ущерб; потеря | *harm [ha:m], damage ['dæmɪdʒ], injury ['ɪn(d)ʒ(ə)rɪ]; loss [lɒs]* |
| **Зарб** | умножение (мат.) | *multiplication (math.) [ˌmʌltɪplɪ'keɪʃ(ə)n]* |
| **Зард** | жёлтый | *yellow['jeləʊ]* |
| **Зарур (зарурият)** | необходимо (необходимость) | *necessary ['nesəs(ə)rɪ], (necessity [nɪ'sesɪtɪ])* |
| **Зарф** | посуда, столовые приборы; наречие (грамм.) | *dish [dɪʃ], dishes [dɪʃɪz], tableware ['teɪb(ə)lweə]; adverb (gram.) ['ædvɜ:b]* |

### И

| | | |
|---|---|---|
| **Истироҳат** | отдых | *rest [rest], relaxation [ˌri:læk'seɪʃn]* |
| **Истироҳат кардан** | отдыхать | *to rest [tu rest], to relax [tu rɪ'læks];* |
| **Истироҳатгоҳ** | место для отдыха или релаксации | *place to rest or relax [pleis tu rest ɔ: rɪ'læks]* |
| **Итоат** | послушание, подчинение | *obedience [ə'bi:drəns], submission [səb'mɪʃ(ə)n]* |
| **Иттилоотӣ** | информаци-онный | *Informational [ˌɪnfər'meɪʃənl]* |
| **Ихтисос** | специальность | *speciality [ˌspeʃɪ'ælɪtɪ]* |
| **Иҷро кардан** | исполнять, выполнять | *to execute [tu 'eksɪkju:t], to fulfil [tu fol'fɪl], to carry out [tu 'kærɪəʊt]* |
| **Иҷозатномаи сафар, раводид** | разрешение на въезд, виза | *visa ['vi:zə]* |
| **Иҷозат додан** | разрешать | *to allow [tu ə'laʊ], to permit [tu pə'mɪt];* |
| **Иҷозат, иҷозат пурсидан** | разрешение, спросить разрешение | *permission [pər'mɪʃn], to ask permission [tua:sk pər'mɪʃn];* |
| **Илтимос** | пожалуйста | *please [pli:z]* |

| | | |
|---|---|---|
| **Феъл** | глагол | *verb [vɜ:b]* |
| **Фикр** | мысль, мнение | *think ['θɪŋk], opinion [ə'pɪnjən]* |
| **Фурудгоҳ** | аэропорт | *airport ['eəpɔ:t]* |
| **Фурӯш** | продажа | *sale [seɪl]* |
| **Фурӯшгоҳ** | магазин | *department store[dɪ'pa:tmənt stɔ:], shop [ʃɔp]* |
| **Фурӯхтан** | продавать | *to sell[ tu sel]* |

## Х

| | | |
|---|---|---|
| **Хабар** | весть, новость | *information['ɪnfə'meɪʃ(ə)n], news [nju:z]* |
| **Халқ** | народ | *people['pi:p(ə)l]* |
| **Харидан** | купить | *to buy [ tu:baɪ]* |
| **Харита** | карта | *map[mæp]* |
| **Хатм** | окончание | *graduation ['grædʒu'eɪʃ(ə)n]* |
| **Хатм кардан** | окончить | *to graduate [tu ˈgrædʒʊeɪt]* |
| **Хестан** | вставать, подниматься | *to get up [ tu get ʌp], to stand up[ tustænd ʌp]* |
| **Хизмат** | служба, услуга | *service ['sɜ:vɪs]* |
| **Хоб** | сон | *dream [dri:m] sleep[sli:p]* |
| **Хомӯш** | тихий | *silent['saɪlənt]* |
| **Хона** | дом | *house[haus], home [həum], apartment [ə'pa:tmənt], room [ru(:)m]* |
| **Хондан (хон)** | читать, учиться, молиться | *to read[ tu: ri:d], to study [ tu: ['stʌdɪ]; to pray [ tu:preɪ]* |
| **Хотира** | память | *memory ['mem(ə)rɪ]* |
| **Хоҳар** | сестра | *sister ['sɪstə]* |
| **Хунук** | холод | *cold [kəuld]* |
| **Хуш омадед** | добро пожаловать | *welcome ['welkəm]* |

## Ҳ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҳавз** | пруд, водоём, бассейн | *pond [ pɔnd],pool [pu:l], swimming pool['swɪmɪŋpu:l]* |
| **Ҳавлӣ** | двор | *house[haus], garden [ga:dn], yard[ja:d]* |
| **Ҳаво** | погода, воздух | *weather['weðə], air[eə]* |
| **Ҳавопаймо** | самолёт | *aeroplane ['e(ə)rəpleɪn]* |
| **Ҳайвон** | животное | *animal ['ænɪm(ə)l]* |
| **Ҳайкал** | памятник, статуя | *monument [ˈma:njʊmənt], statue['stæʧu:]* |
| **Ҳайрат** | недоумение, удивление, изумление | *Perplexity [pə'pleksɪtɪ]; amazement [ə'meɪzmənt], astonishment [ə'stɔnɪʃmənt], surprise [sə'praɪz]* |





## А

| Тоҷикӣ | РУСӢ | АНГЛИСӢ (овонавишт) |
|---|---|---|
| **Адабиёт** | литература | *literature ['lɪt(ə)rəʧə]* |
| **Адад** | число | *number ['nʌmbə]* |
| **Адолат** | справедливость | *justice ['ʤʌstɪs]* |
| **Азиз** | уважаемый | *dear [dɪə], precious ['preʃəs], esteemed [ɪ'sti:md]* |
| **Ақл** | ум, разум | *intelligence [ɪn'telɪʤ(ə)ns], intellect mind ['ɪntɪlekt maɪnd]* |
| **Алов (оташ)** | огонь | *fire ['faɪə]* |
| **Алаф** | трава | *grass [gra:s], herb UK: [hɜ:b], US: [ɝ:b], fodder ['fɔdə]* |
| **Аскар** | солдат | *soldier ['səulʤə]* |
| **Атроф** | вокруг | *around [əˈraʊnd]* |
| **Афсона** | сказка | *fairy-tale ['fe(ə)rɪteɪl], story ['stɔ:rɪ], tale [teɪl]* |
| **Ахбор** | новость | *news [nju:z]* |
| **Ахлоқ** | мораль | *morals ['mɔrəlz]* |
| **Аҳолӣ** | население | *population ['pɔpju'leɪʃ(ə)n]* |
| **Аломат** | знак | *sign [saɪn], mark [ma:k], omen, ['əumən]* |
| **Амният** | безопасность | *security [sɪ'kju(ə)rɪtɪ]* |
| **Анъана** | традиция | *tradition [trəˈdɪʃn]* |

## Б

| | | |
|---|---|---|
| **Бад** | плохой | *bad [bæd]* |
| **Бадан** | тело | *body ['bɔdɪ]* |
| **Баён** | выражение мыслей | *expression of thoughts [ɪk'spreʃ(ə)n ɔvθɔ:ts]* |
| **Базм, тӯй** | вечеринка, общественный прием, связанный со свадьбами и т.д. | *party [ˈpa:rtɪ], public reception associated with weddings ['pʌblɪk rɪ'sepʃ(ə)n ə'səuʃieɪtid wɪð 'wedɪŋz]* |
| **Байналмилалӣ** | международный | *international ['ɪntə'næʃ(ə)nəl]* |
| **Байнишаҳрӣ** | междугородний | *between cities [bɪ'twi:n 'sɪtɪz]* |
| **Баромадан** | подняться | *to rise [raɪz]* |
| **Баромадгоҳ** | выход | *exit ['egzɪt]* |
| **Барф** | снег | *snow [snəu]* |
| **Бахт** | счастье | *happiness [ˈhæpɪnəs]* |
| **Бахшидан** | простить | *to forgive[tu: fə'gɪv], let off [ˈlet ˈɒf]* |
| **Баҳор** | весна | *spring [sprɪŋ]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *['remɪdɪ]* |
| **Духтар** | девочка | *girl[gɜ:l]* |
| **Дуст, рафиқ** | друг, товарищ | *friend[frend]* |

## Ё

| | | |
|---|---|---|
| **Ёд гирифтан** | научиться | *to learn [tu lɜ:n]* |
| **Ёдгории меъморӣ** | памятник архитектуры | *a monument of architecture [ˈmɒnjʊm(ə)nt əv 'a:kɪ'tekʧə]* |
| **Ёд доштан, ба ёд омадан** | вспомнить | *to remember [turɪ'membə]* |
| **Ёздаҳ** | одиннадцать | *eleven [ɪ'lev(ə)n]* |
| **Ёрдам** | помощь | *help, [help] assistance [ə'sɪst(ə)ns]* |
| **Ёридиҳанда** | вспомога-тельный | *auxiliary [ɔ:gˈzɪlɪərɪ]* |
| **Ёрдам кардан** | помогать | *to help [tu help]* |
| **Ёрдамчӣ** | помощник | *assistant[ə'sɪst(ə)nt]* |
| **Ёрии таъҷилӣ** | скорая помощь | *ambulance [ˈæmbjʊl (ə)ns],emergency assistance [ɪ'mɜ:ʤ (ə)nsɪ] [ə'sɪst(ə)ns]* |
| **Ёсуман** | жасмин | *jasmine [ˈdʒæzmɪn]* |
| **Ёфтан** | найти | *to find [tu faɪnd]* |

## Ж

| | | |
|---|---|---|
| **Жола** | град | *hail [heɪl]* |
| **Жола боридан** | выпадение града | *hail fallout [heɪl ˈfɔ:laʊt] it is haliog* |
| **Журнал** | журнал | *magazine [maga'zen] journal['ʤɜ:n(ə)l]* |

## З

| | | |
|---|---|---|
| **Забон** | язык | *language, ['læŋgwɪʤ] tongue [tʌŋ]* |
| **Забони давлатӣ** | государственный язык | *state language [steit 'læŋgwɪʤ], official language [ə'fɪʃ(ə)l 'læŋgwɪʤ]* |
| **Задан (зан)** | бить, ударить | *to hit [tu hɪt], to strike [tu straɪk]* |
| **Замин** | земля, вселенная | *soil [sɔɪl], earth [ɜ:θ], ground [graund], land [lænd]* |
| **Замон** | время, период, эпоха | *time [taɪm], period, ['pɪ(ə)rɪəd], epoch [ˈi:pɒk], era [ˈɪrə]* |
| **Замонавӣ** | современный | *modern[mɔdn]* |
| **Зан** | жена, женщина | *wife [waɪf], woman [ˈwʊmən]* |
| **Занона** | по-женски, женский | *female [ˈfi:meɪl], feminine* |





| | | |
|---|---|---|
| **Озмун** | конкурс | *competition [ˌka:mpəˈtɪʃn]* |
| **Озодӣ** | свобода | *freedom [ˈfri:dəm]* |
| **Оила** | семья | *family [ˈfæməlɪ]* |
| **Оина** | зеркало | *mirror [ˈmɪrə]* |
| **Олам** | мир | *world [wɜ:ld]* |
| **Омадан** | приходить | *to come [to kʌm]* |
| **Ошхона** | кухня | *Kitchen [ˈkɪtʃɪn], national café [ˈnæʃ(ə)n(ə)l ˈkæfeɪ]* |
| **Ошно** | друг, приятель | *friend [frend]* |

## П

| | | |
|---|---|---|
| **Пагоҳ** | завтра | *tomorrow[tə'mɔrəu]* |
| **Пагоҳирӯзӣ** | утро | *morning ['mɔ:nɪŋ]* |
| **Падар** | отец, папа | *father ['fa:ðə]* |
| **Пазируфтан (пазир)** | принимать, одобрять | *entertain [ˌentərˈteɪn], to receive [tu: rɪ'si:v]* |
| **Панҷа** | пальцы | *fingers ['fɪŋgəz]* |
| **Пахта** | хлопок | *(n) cotton ['kɔtn]* |
| **Пешвоз гирифтан** | встречать | *to meet [ tu: mi:t]* |
| **Пешниҳод кардан** | представление, выдвижение | *suggestion [sə'ʤesʧ(ə)n], proposal [prə'pəuz(ə)l]* |
| **Пешонӣ** | лоб | *forehead ['fɔrɪd]* |
| **Пиёда** | пешком | *on foot [ɔn fut], walk [wɔk]* |
| **Пиёз** | лук | *onion ['ʌnjən]* |
| **Писар** | сын, мальчик | *son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Пойафзол** | обувь | *shoes [ʃu:z]* |
| **Пурсамар** | эффективный, плодотворный | *effective [ɪˈfektɪv],fruitful ['fru:tf(ə)l]* |
| **Пӯшидан (пӯш)** | закрыть | *to close [ tu kləus]* |

## Р

| | | |
|---|---|---|
| **Равия** | направление, тренд | *direction [dəˈrekʃn], trend [trend]* |
| **Рақам** | номер | *number ['nʌmbə]* |
| **Рақс** | танец | *dance [da:ns]* |
| **Ранг** | цвет, краски | *colour ['kʌlə]* |
| **Расм** | картина | *picture ['pɪkʧə]* |
| **Рафтан (рав)** | идти, иди | *to go [ tu: gəu]* |
| **Рафтор** | поведение | *behaviour [bɪ'heɪvɪə]* |
| **Рафтуомад** | посещение, поездка | *visit [ˈvɪzɪt]* |
| **Раҳнамо** | руководство | *guide [gaɪd]* |
| **Роҳбар** | лидер, начальник | *leader ['li:də]* |
| **Рухсатӣ** | отпуск | *holiday ['hɔlɪdɪ],Vacation* |

*Дарси ахлоқ осон аст, побарҷо кардани он душвор.*
*Артур Шопенҳауэр*

ТЕХНОЛОГИЯ

# Дар роҳи татбиқи барнома

**Масъалаи бо технологияи замони муосир (компютеру тахтаи электронӣ ва видеопроекторҳо) таъмин намудани муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ пайваста дар мадди назари раҳбарияти Вазорати маориф ва илм қарор дошта, дар ин самт барномаҳои махсуси давлатӣ қабул карда мешаванд.**

Ҳадаф аз қабули барномаҳои давлатӣ марҳала ба марҳала харидорӣ ва муҷаҳҳаз гардондани синфхонаҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ бо компютеру тахтаҳои электронӣ ва видеопроекторҳо ба шумор меравад. Дар хусуси татбиқи «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 директори Маркази технологияи иттилоотию коммуникатсионии назди Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ Абдураҳмон Гулзода чунин ибрoз дошт:

-Ҷиҳати ичрои барномаи мазкур тӯли 4 сол корҳои зиёде анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, масъалаи асосӣ, ки дар банди сеюми барнома амалишавии он таъкид гардидааст, мунтазам таҷҳизонидани муассисаҳои таълимӣ бо компютерҳо ва ташкил намудани синфхонаҳои компютерӣ махсуб меёбад. Бояд зикр намуд, ки дар тӯли солҳои 2018-2021 дар муассисаҳои таълимии вилоятҳо ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ 124 синфхонаи нави технологияи иттилоотӣ ташкил ва бо компютер, мизу курсӣ ва дигар таҷҳизоти техникӣ таъмин карда шуданд. Айни ҳол дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 3670 синфхонаи технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе 319 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 842 адад мавҷуд аст. Тибқи талаботи нақшаи дурнамои Барномаи мазкур, дар давоми 5 сол бояд 52017 адад компютер харидорӣ ва ба муассисаҳои таълимӣ дастрас карда мешуд. То моҳи октябри соли ҷорӣ, дар умум 20183 адад компютер харидорӣ гардидааст, ки ин 39 фоизи ичрои нақшаро ташкил медиҳад. Феълан дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 81002 адад компютер ва 4076 адад тахтаи электронӣ мавриди истифода қарор доранд.

Бояд қайд кард, ки соли равон нақшаи харидории компютерҳо дар вилоятҳои Суғд 978 адад, Хатлон 1250 адад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1025 адад, шаҳри Душанбе 773 адад, ВМКБ 63 адад ичро гардидааст. Нақшаи харидории тахтаҳои электронӣ бошад, дар вилоятҳои Суғд 187 адад, Хатлон 281 адад, шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 64 адад, шаҳри Душанбе 48 адад ва ВМКБ 4 ададро ташкил медиҳад. Ҳоло 2610 адад компютер дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба шабакаи ИНТЕРНЕТ пайваст карда шудаанд. Банди чоруми Барнома таъминоти барномаҳои компютерии иҷозатномавӣ (литсензионӣ) ба ҳисоб меравад. Айни замон дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ 226 адад барномаи компютерии иҷозатномавӣ мавҷуд мебошад. Ҳамзамон барои бо барномаҳои компютерии иҷозатномавӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ ба унвони раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мактуб ирсол гардидааст. Тибқи маълумоти оморӣ, то ибтидои моҳи октябр дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 4076 адад тахтаи электронӣ ва 4984 адад видеопроектор мавриди истифода қарор доранд. Дар маҷмуъ, мувофиқи нақшаи барнома дар панҷ сол аз 3393 адад



тахтаи электронӣ, 2716 адад тахтаи электронӣ харидорӣ шудааст, ки ин 80 фоизи ичрои нақшаро ташкил медиҳад. Банди шашуми Барнома таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо мебелҳои махсусгардонидашудаи компютерӣ буда, ҳоло дар муассисаҳои таълимӣ 25730 мебели махсусгардонидашуда мавҷуд аст.

Дар масъалаи таҳияи маводи таълимии электронӣ бо забони давлатӣ барои ҳамаи фанҳо аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд. Дар ин муддат шакли электронии 167 адад китоби дарсӣ бо теъдоди 132000 нусха дастраси муассисаҳои таълимӣ гардидааст. Ҳамчунин, аз таҷрибаи пешқадами омӯзгорон 600 дарс ба навор гирифта шуда, бо теъдоди 135000 нусха ба муассисаҳои таълимӣ интиқол дода шудааст. Дар баробари китобҳои дарсӣ, шакли электронии китобҳои бадеӣ низ ба китобхонаҳо ирсол гардидааст. Дар маҷмуъ, аз фанҳои таълимӣ 670 кори лабораторӣ бо забони давлатӣ дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шудаанд. Банди даҳуми Барнома ташкили торнамои таҳсилоти фосилавӣ бо маводи электронӣ дар бар мегирад. Бояд қайд намуд, ки лоиҳаи торнома омода гардидааст, ки аз 12 платформа иборат буда, дар арафаи анҷомёбист. Ташкили курсҳои омӯзишӣ яке аз дигар самтҳои фаъолияти марказ ба шумор меравад, ки барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда мешавад. Ташкили курсҳои омӯзишӣ тибқи барнома ва нақшаи омӯзиши якмоҳаи «Барномаҳои Office» ва «Интернет-технология» дар таътили зимистона, тамоми роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, мактабҳои Президентӣ ва литсейю гимназияҳоро фаро мегирад. Барои баланд бардоштани савияи дониши техникии мутахассисон, кормандони раёсат ва шуъбаҳои маориф, инчунин, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар давраи таътилҳои зимистона, баҳорӣ, тобистона ва тирамоҳӣ Марказ курсҳои омӯзиши истифодабарии технологияи нави муосир (тахтаҳои электронӣ ва видеопроекторҳо)-ро дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монд, ки дар ин давра 48896 нафар омӯзгори таълимгоҳҳо ба курсҳои зикршуда фаро гирифта шуданд. Банди 13-и Барнома ташкили семинар-конфронсҳоро доир ба азхудкунии таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ дар бар мегирад. Вазорати маориф ва илм бахри баланд бардоштани тафаккури техникии омӯзгорон ва мутахассисон семинар-машварат дар мавзуи «Тақвияти истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим» ва «Роҳҳои баланд бардоштани саводнокии иттилоотӣ – коммуникативӣ дар муассисаҳои таълимӣ»-ро бо иштироки директорони марказ ва бахшҳои технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди раёсат ва шуъбаҳои маориф, инчунин, омӯзгорони технологияи информатсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии шаҳри Душанбе, минтақаҳои Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Кӯшониён, шаҳри Нораки вилояти Хатлон, вилояти Суғд, минтақаи Рашт, шаҳри Ҳисор давра ба давра ташкил ва баргузор намуд. Банди 15-и Барнома, ҳамоҳангсозии маводи таълимӣ электронӣ бо маводи таълимии анъанавӣ мебошад.

Тибқи талаботи барномаҳои таълимӣ, маводи таълимии электронӣ омода ва дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шудаанд. Марказ дорои сомонаи худ буда, ҳамзамон платформаҳои рақамии «Сандуқчаи зулфиё», «Китобхонаи электронӣ», «Мактаб-мобайл» ва «Омӯзгор-мобайл»-ро таҳия намудааст, ки дар онҳо шакли электронии китобҳои дарсӣ (с. 1-11), китобҳои бадеӣ, асарҳои бачагона, видеофилмҳои таълимӣ ва мавод барои истифодабарии муҳассилин, омӯзгорон ва волидайн дар домайни tj дастрас мебошад.

*Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*«Омӯзгор»*

РИСОЛАТ

**Барои ҳар чи бештар муассиру ҷолибу самарбахш гардидани тарбияи шогирдон устодон аз воситаҳои гуногуну маводи муҳтавоманд мунтазам истифода мебаранд. Дар тарбия рӯй овардан ба ҳаёту фаъолияти шахсиятҳои бузурги таърихӣ, намояндагони барҷастаи соҳаҳои сиёсат, адабиёту илм ва истеҳсолот анъанаи дерин ва натиҷабахш аст.**

# Корномаи беназир

Ман дар тарбияи шогирдони худ аз корномаи ватандӯстонаву пурҳаводиси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон васеъ истифода мебарам.

Сарвари кишвари тоҷикон муҳаббати самимӣ ва ихлоси комил ба Ватан доранд. Борҳо ба насли наврас рӯй оварда, онҳоро даъват кардаанд, ки Ватану миллати худро эҳтиром намоянд, дӯст доранд ва барои пешрафту ободиаш ҳиссагузор бошанд. Бо Ватан будан, дар канори он осуда зистан, аз ҳавои мусаффояш нафас кашидан бахти баланд аст барои ҳар як шахси баору номус. Бояд шоири ҳар фарди шарафманд "Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстгар" бошад ва бо ифтихор замзама бикунад:

*Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,*
*Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам.*

Суханрониҳои Сарвари кишвар пурҷозибаю меҳрбор, пурбурангу гӯшнавозанд, зеро он кас аз нозукиҳову вижагиҳои забони модарӣ огаҳии комил доранд ва забони тоҷикиро яке аз тавонотарину гуворотарин забонҳои ҷаҳон медонанд. Сардори давлат аз ҳамагон даъват кардаанд: "Вазифаи муқаддаси мо – насли имрӯза дар он зоҳир мегардад, ки барои поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ кӯшиш намоем, забондонии худро пайваста сайқал диҳем ва онро чун гавҳараки чашм пос дорем". Имрӯз ҳар яки мо бояд парастиши забони модарӣ ва эҳтирому посдориву арҷгузории онро аз Пешвои миллат биомӯзем.

Сарвари кишвар дорои ҳувияти баланди миллӣ мебошанд ва дар посдориву эҳёгарии анъанаҳои ниёгон пайваста ҷидду ҷаҳд доранд. Бо эҳтимому талошҳои пайгиронаи Президенти муҳтарамамон ҷашни Наврӯз рангу бори тоза дарёфт, ҳамчун



ҷашни ҷаҳонӣ пазируфта шуд, ҷашнҳои бостонии миллатамон – Меҳргон, Сада ва Тиргон умри дубора дарёфтанду ба тантанаҳои оммавӣ табдил ёфтанд. Ин ҳама боз як сарчашмаи муътамади тарбияи худшиносии миллист барои насли наврас.

Шахсияти Пешвои миллат тимсоли беназири ишқу муҳаббат ба Ватани азиз аст.

Президенти ҷумҳурии мо дар ҷасоратмандӣ беҳамтоянд. Дар пурфоҷеаву пурихтилофтарин марҳилаи ҳаёти тоҷикон (солҳои 90-уми асри XX) Сарвари кишвар далерона ва бо ҷасорати фавқулода ба назди дастаҳои тахрибкору бетараҳҳум, ки чашмашонро хун гирифта буд, рафтанд, онҳоро ба паси курсии гуфтушунид шинонданд, ба адлу инсоф ва ба баргаштан аз роҳи хато даъват карданд, ба арсаҳои оташбори ҷанг дохил шуда, барои тантанаи сулҳ мубориза бурданд, бо дастаҳои кинавару тороҷгар бо хориҷ аз кишвар низ ҷасоратмандона суҳбат ороста, эшонро аз аспи ҷаҳолат поён оварданд. Барои манзалати миллату давлат Президенти муҳтарам борҳо ҷони худро зери хатар гузоштаву ба ҳадафҳои нек расида, Тоҷикистонро аз оташи ҷанг, аз гирдоби нестӣ берун кашиданд. Ин ҳама барои насли наврас дарси олии ҷасорату мардонагию ҷонфидоист.

Пешвои миллат забони модарии хешро, забони нобу тоҷикро бағоят дӯст медоранд.

Ҷидду ҷаҳди ҳамешагӣ ва хастагинопазир барои ободиву бунёдкориҳо дар Ватан махсусияти дигару хеле барҷастаи Пешвои миллат аст. Бо дастуру ҳидоятҳои Сарвари кишвар Тоҷикистон дар оғӯши истиқлол хеле пеш рафт ва зебою дилрабою муқтадир гашт. Имрӯз ҷумҳурии азизи моро дар сарасари ҷаҳон чун мамлакати бо суръати баланд рушдёбанда мешиносанд.

Аз ин нигоҳ, корномаи Сардори давлати тоҷикон манбаи муҳими тарбияи насли наврас дар руҳияи бунёдкорию созандагист.

Умуман, тамоми паҳлуҳои корномаи шарафбори Пешвои муаззами миллат дар тарбияи насли наврас ба аҳамияти барҷаста молик аст.

*Дилором ГРЕЗОВА,*
*омӯзгори гимназияи ба номи Асадулло Ғуломов,*
*ноҳияи Исмоили Сомонӣ*

**Кумитаи тадорукоти Париж-2024 тилисми олимпӣ ва паралимпиро муаррифӣ намуд.**

*Ишқ барои шахси хушахлоқ чу Офтоб барои Замин аст.*
*Балзак*

«Омӯзгор» № 47, 24 ноябри соли 2022



# Эй Ватан, эй Тоҷикистон,

24 НОЯБР – РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Рамзи иқболу истиқлол

***Парчам як рукни асосии муқаддасот ва рамзи давлатдории ҳар як халқу миллат мебошад. Соҳиби парчам будан ифодагари соҳибистиқлолӣ ва давлату давлатдории миллатҳост. Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳои устуравию таърихӣ, соҳибпарчам будани аҷдодони мо ба замони ҳукмронии сулолаи Пешдодиён ва қиёми Коваи оҳангар алайҳи зулму куштори Заҳҳок - шоҳи бедодгар иртибот мегирад.***

Муаррихи асримиёнагии тоҷик Муҳаммад Балъамӣ дар «Таърихи Табарӣ» менависад, ки Кова «…чун хабар ёфт аз куштани писаронаш, сабраш намонд ва ба шаҳр андар омаду фарёд хост ва он пӯстеро, ки оҳангарон онро пеши пой барбаста доранд, бар сари бел кард чун аламе ва фарёд кард...» ва «Кова ҳар куҷо ҳарб кардӣ, он алами хеш пеш доштӣ ва пирузӣ ёфтӣ».

Бостоншиносони фаронсавӣ ва эронӣ аз харобаҳои Тахти Ҷамшед акси парчами замони Ҳахоманишиҳоро пайдо намуданд, ки аз ранги сурх иборат буда, дар маркази он акси уқоби болкушода тасвир ёфтааст.

Парчами замони Сосониён (солҳои 224-651) бо номи «Дирафши Ковиёнӣ» шукӯҳу шаҳомати хосае дошт. Бинобар навиштаи Ҷаририи Табарӣ, «Дирафши Ковиёнӣ» дар давраи Сосониён аз пӯсти паланг тайёр шуда, бо дурру гуҳар чунон оро ёфта буд, ки аз пӯст ҷое нишон намонда буд. Дар «Дирафши Ковиёнӣ»-и замони Сосониён нишони чоргӯша ва дар қисми болоии он тасвири уқоби болкушода нақш ёфта буд. Инъикоси тасвири нишони чоргӯша, дар парчами Сосониён рамзи чор унсури ҳастӣ- об, оташ, хок ва бод мебошад.



То густариши дини ислом парчамдорию парчамбардорӣ на танҳо хоси давлатдорӣ буд, балки шоҳону паҳлавонон ва лашкаркашон низ парчамҳои махсуси худро доштанд. Аз рӯи маълумоти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, парчам ва саропардаи шоҳ Ковус ранги гуногуни палангиро дошт. Ҳокими Тӯс парчами сиёҳ дошт, ки дар он нақши фил мунъакис ёфта буд. Ранги саропардаи ҷаҳонпаҳлавон Рустам сабз ва парчамаш бунафш буд. Саропарда ва парчами Гев сиёҳ, аз Гударз сурх ва аз Фарбурз сафед будааст. Пайравони ҷараёни Маздакия пас аз қатли Маздак (соли 529), тахти роҳбарии завҷаи ӯ Хуррама ибни Фода зери ливои сурх алайҳи душманони худ барои барқарор намудани адолати иҷтимоӣ мубориза мебурданд. Ҷонибдорони Абумуслим зери парчами сиёҳ тайи солҳои 747-750 зидди хилофати Умавиён муқовимат нишон доданд. Тарафдорони Муқаннаъ давоми солҳои 776-783 бо либос ва парчамҳои сафед муқобили арабҳо мубориза бурданд.

Пас аз зуҳури дини ислом дар парчамҳои давлатҳо акси моҳи ҳилол чун рамзи дини ислом инъикос меёфт ва ин анъана то имрӯз дар парчами давлатҳои исломӣ мушоҳида мешавад. Аммо дар таърихи давлатдории тоҷикон танҳо то соли 1924 дар парчамҳо тасвири моҳи ҳилол ба назар мерасид.

Давраи Шуравӣ таҳаввулот дар таърихи парчамдории миллати мо ворид сохт. Тавре ки маълум аст, соли 1920 пас аз сукути аморати Бухоро Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро таъсис ёфт. ҶХШ Бухоро дар давоми 4 соли мавҷудияташ (1920-1924) 3 маротиба парчам иваз намудааст.

Дар натиҷаи тақсимоти миллию марзии соли 1924 Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии Мухтори Шуравӣ дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон таъсис ёфт. Аз ин рӯ, зарурати аз нав қабул намудани парчам низ ба миён омад. Дар давраи мухторият 2 маротиба парчами давлатӣ иваз гардид. Парчамҳои ҶМШС Тоҷикистон бо баъзе ҷузъиёт аз ҳамдигар тафовут доштанд. Дар ин парчамҳо аввалин маротиба акси нишони давлатӣ дар кунҷи чапи қисмати болоӣ тасвир шуда буд. Мавҷудияти парчами 2-юми ҶМШС Тоҷикистон то соли 1931 нигоҳ дошта шуд.

16 октябри соли 1929 Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ ба ҳайати ИҶШС дохил карда шуд. Дар ин марҳила, яъне давоми соли 1929-1991 парчами ҶШС Тоҷикистон ду маротиба иваз шудааст. Аввалин парчами ҶШС Тоҷикистон соли 1931 қабул шуд, ки ба он чандин маротиба тағйирот ворид гардид.

Дар давраи Шуравӣ халқи тоҷик 7 маротиба парчами давлатии худро иваз намудааст. Агарчанде парчами ИҶШС аз ранги сурх иборат буд, ин ранг ба таърихи ниёгони мо алоқамандӣ дошт. 24 августи соли 1990 Анҷумани 11-и Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, даъвати 12-ум «Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд. Мувофиқи моддаи 18-и ин санади ҳуқуқӣ Нишон, Парчам ва Суруди миллӣ рамзҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дахлнопазирии онҳоро қонун ҳимоя мекунад.

Бо мақсади ҳар чи зудтар қабул намудани шаклу намуди рамзҳои давлатӣ аз 28 июни соли 1991 қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд. Ҳамон вақт озмуни ҷумҳуриявӣ оид ба шаклу намуд ва мазмуну моҳияти рамзҳои давлатӣ эълон гардид.

Баъди баҳсу мунозираҳои зиёд парчами нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо инъикоси се ранг: сурх, сафед, сабз ва дар маркази он акси ҳафт ситора қабул ёфта, дар ҷараёни Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 24 ноябри соли 1992 баррасӣ ва тасдиқ шуд.

Бо ҳамин Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст соҳиби парчами давлатии хеш гардид.

Бо заҳмату талошҳои беназири Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо мақсади афзудани ҳисси эҳтироми шаҳрвандон ба рамзҳои давлатӣ, арзишҳои таърихию фарҳангӣ ва баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ икдом гирифта шуд, ки 24 ноябр Рӯзи Парчами давлатии Тоҷикистон эълон ва ҳамасола таҷлил шавад. 30 августи соли 2011 дар шаҳри Душанбе манораи 163-метраи парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон қомат афрохт, ки 30 метр паҳноӣ ва 60 метр дарозӣ дорад. Бо ин шаҳомат манораи парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон ба китоби рекордҳои Гиннес дохил карда шуд.

Парчами мо чун рамзи соҳибистиқлолии ҷумҳурии азизамон имрӯз дар қатори парчамҳои дигар давлатҳо дар бинои СММ ва дигар ташкилотҳои ҷаҳон партавафшон аст. Поянда бод, ин партавафшонӣ!

***Азизбек БОРОНОВ,***
***директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ***

## Номбардори давлат ва миллат

***Истиқлоли давлатӣ ҳамчун ҳодисаи гуворои эҳёгари миллат дар Тоҷикистони азизи мо дар қатори дигар махсусиятҳояш, ба рӯи кор омадану густариш пайдо кардани як силсила ҷашну анъанаву маросими миллӣ мусоидат кард ва чеҳраи аслию таърихии Тоҷиконро равшан сохт.***

Дар рӯйхати ҷашнҳои ин халқи бостонгуҳар номҳои Наврӯзу Сада, Меҳргону Тиргон ба пайдо омаданд ва чанд санаи таърихӣ ҳамчун ҷашни умумихалқӣ муқаррар гардид. Аз ҷумла, 24 ноябр Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуд. Бисёр анъанаҳои неки тоҷикон реша ба умқи таърих доранд ва солномаашон хеле рангину ҷолибу ибратбахш аст. Дар парчамдорӣ низ тоҷикон пешсафанд ва чунин фарзияҳое низ ҳастанд, ки анъанаи парчамдорӣ ва умуман, пайдоиши парчамро дар олам ба қавмҳои ориёӣ (аҷдоди тоҷикон) нисбат медиҳанд. Бостоншиносон дар натиҷаи ковишҳои мавзеъҳои қадимӣ дар деворнигораҳо, дар пораҳои сафол ва амсоли инҳо нишонҳои зиёдеро вобаста ба анъанаи парчамдорӣ дарёфтанд, ки ба аҳди то милод мутааллиқанд. Ҳикоёте, ки дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар назм оварда шудаанд, таърихи баромаду истифодаи парчамро ба таври хеле ҷолиб шарҳ медиҳанд, ки ин имрӯз ба ҳамагон маълум аст. Яқин, ки дар пайдо омадани парчам муборизаҳо бар зидди душманон ва ташкили давлатҳо нақши муҳим бозидаанд. Агар парчамҳои нахустин чармпораю матоъпораҳо буданд, пас, бо гузашти замон онҳо хеле такмил ёфтанд. Дар парчамҳо аксҳову хатҳову рамзҳо пайдо шуданд, ки ифодагари ҳадафу ният, орзую омол ва нангу номуси халқу давлати муайян буданд. Батадриҷ парчамдорӣ хеле рушд ёфт ва дигар ҳар давлати ҷаҳон парчами хоси худро ҳамчун ифодагари ҳастии давлату миллат таҳия ва қабул намуд.

Соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлоли давлатӣ ба даст овард. Яке аз хусусиёти давлати мустақилу соҳибихтиёр доштани Парчами давлатӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, зарурати таҳия ва қабули чунин парчам барои Тоҷикистон ба миён омад. Дар Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вакилони мардумӣ «Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул карданд. Ин ҳодиса 24 ноябри соли 1992 ба вуқуъ пайваст.

Сарвари кишварамон дар бораи Парчами давлатӣ бо камоли эҳтирому



эътиқод чунин иброз доштааст: «Парчами давлатӣ яке аз рамзҳои муҳими истиқлолияти миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин, ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад».

Дар парчами кишвари мардуми мо таҷассуми ватандӯстиву ватанпарастӣ, шуҷоату далердӯстиву рафоқат, сулҳу ваҳдат, ғурури ватандорӣ ва ҳимояти марзу бум мавқеи барҷаста дорад. Таҳти ҳамин парчам халқи тоҷик истиқлолияти хешро устувору пойдор сохт ва ваҳдати миллӣ расид. Таҳти ҳамин парчам халқи тоҷик пайваста созандагӣ мекунад ва дар эъмори давлати дунявию ҳуқуқбунёд ба комёбиҳо мушарраф мегардад.

Дар назди Парчами давлатӣ аз Президенти ҷумҳурӣ то сарбози одӣ савганди садоқату вафодорӣ ёд мекунанд ва ин парчам ба шарафи тантанаҳои миллӣ, ба шарафи ҳамоишҳои расмӣ, ба шарафи пирӯзиҳои варзишгарон барафрохта мешавад, зери садои Суруди миллӣ боло меравад. Дар рӯзҳои ҷашн Парчами давлатӣ пешбинои идораву созмону ташкилотҳои гуногуни мамлакатро оро медиҳад ва меҳру муҳаббати самимии мардумро нисбат ба муқаддасоти миллат ифода менамояд.

***Рухшона НОДИРОВА,***
***омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби №11-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ***

**Дар шаҳри Турсунзода бинои нави Коллеҷи тиббӣ мавриди истифода қарор гирифт.**

# Парчамат бодо парафшон!



24 НОЯБР – РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Таҷассуми ҳастии миллат

***Истиқболи Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳар як шаҳрванди кишвар, махсусан, аз ҷониби таълимгирандагони ҳамаи зинаҳои таълимӣ ба маънии том иду тантанаи миллӣ аст.***

Дар мавҷудияту парафшонии Парчам иттиҳоду ҳамбастагӣ ва иттифоқу ҳамдилии халқи тоҷик таҷассум ёфтааст. Парчам ҳамчун ахтари тобону дурахшон, иродаи мустаҳкам ва омили фатҳу кушоиши ҳар соҳибватан гардидааст.

Парчам на танҳо рамзи давлатдорию ифтихори миллӣ, балки рамзи ватандӯстию худшиносиву худогоҳӣ, андешаву асолати миллӣ, пирӯзиву сарфарозӣ ва ҳувияти азалии мардуми тамаддунофарамон махсуб меёбад. Он ҳамчун ахтари тобон раҳнамо ва ҳидоятгар ба сӯи фардо ва оянда дурахшон аст. Парафшонию ҷилваи Парчам неруи тавонои ҷаҳони маънавӣ, қуввати дилу дидаи ҳар як соҳибватан аст. Парафшонии Парчам таҷассуми ҳастии давлату миллат, пойдорию устувории он аст.

Парчами имрӯзаи тоҷикон 30 сол боз парафшонӣ дорад. Дар тобиши рангҳои сурху сафеду сабзи Парчам таълимгирандаи закиву бедордили имрӯза



рамзи мубориваву ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлол, нишони бахту саодат, умеду орзу, сарсабзиву шукуфоӣ, сарбаландиву хуррамӣ ва абадиятро мебинад. Таълимгирандагон тасвири тоҷи дар байни Парчам бо ҳафт ситора ва ё ҳафт ахтар ҷойгирифтаро ҳамчун ишора ба решаҳои таърихии давлатдории тоҷикони соҳибтамаддун медонанд.

Ифтихори миллату давлат аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 2 195 619 нафар (1059743 нафарашон духтарон) дар 3940 муассисаи таҳсилоти умумӣ таҳсил доранд ва ҳамасола беҳтарин лаёқатмандону соҳибистеъдодҳо, махсусан, имсол 6410 нафари онҳо дар 24 олимпиадаи фаннии ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, 13 намуди олимпиада аз фанҳои табиӣ-риёзӣ ва 11 намуди олимпиада аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ иштирок намуданд.

Илова ба ин, 8419 нафар хонандаи тоҷик дар 11 олимпиадаи байналмилалӣ мустақиман ва тариқи фосилавӣ аз фанҳои математика, физика, химия, табиатшиносӣ ва забони англисӣ дар давлатҳои Америка, Италия, Словения, Венгрия, Босния-Герсоговиния, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ғайраҳо иштирок карда, сазовори 1058 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла, сазовори 140 медали тилло, 368 медали нуқра ва 550 медали биринҷӣ гардидаанд.

140 медали тилло, ки ин ғолиби барҳақи олимпиада будан аст, нишонаи 140 маротиба барафрохтан ва ё баланд бардоштану парафшонии Парчами миллии Давлати Тоҷикистон дар байни давлатҳои рӯйи олам мебошад, ки дар чунин олимпиадаҳо таълимгирандагони дигар давлатҳои рӯйи олам низ иштирок менамоянд.

Парчами Тоҷикистон ифтихори ҳар як таълимгирандаи кишвар ва ҳар як таълимгиранда парчамбардори миллату давлат аст.

***Раҷабалӣ САНГОВ***

## Нишони сарсабзӣ ва сарбаландӣ

Мардуми сарбаланди Тоҷикистон Парчами давлатиро ифодагари ваҳдату ягонагӣ, бахту саодат, дӯстию рафоқат ва волотарин орзуву омоли худ медонанд. Он дар тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихор ва ҳувияту истиқлолияти давлатӣ инъикос ёфтаанд.

Ҳар як ранги Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маънии худро дорост. Сурх – ранги мубориза, ҷоннисориҳои халқ барои озодӣ ва истиқлолият, Сафед – нишонаи бахт, умеду ор-



худшиносии миллӣ нақши бориз дорад. Парчами давлатӣ ба оламиён аз мавҷудияти миллати соҳибтамаддуни тоҷик ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, яъне Тоҷикистони соҳибистиқлол паём мерасонад, ки ин фахри ҳар як сокини ҷумҳуриамон мебошад.

Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи ҳаёти осоишта, ваҳдати миллӣ, шукуфоии кишвар, истиқлолияти комил ва умед ба фардои нек мебошад.

Парчами давлатии мо инъикоскунандаи расму оинҳои деринаи давлатдории миллиамон, баёнгари мақсаду мароми сокинони мамлакат буда, ба онҳо дар роҳи бунёдиояндаи дурахшон неру қуввати созандагӣ мебахшад.

Дар гузашта ва то кунун дар парчам нишонаҳои муҳиму арзишманди фарҳанги ҳар халқу миллат, пайроҳаи таърихии тайкардаи он ва аломатҳои зуст, Сабз – нишонаи сарсабзӣ, нумуъ ва сарбаландист. Тоҷ ва ҳафт ситора ҳамчун таҷассумгари соҳибдавлат ва соҳибихтиёр инъикос ёфтаанд. Омӯзгорон ва ҳар касонеро, ки ба кори таълиму тарбия мувваззаф гардидаанд, лозим аст, ки аз таърихи парчам ва моҳияти он ба шогирдону атрофиён маълумот бидиҳанд. Мо, мардуми тоҷик, бояд аз он шукрона кунем, ки соҳибдавлат ва дорои арзишҳои миллӣ ҳастем. Парчами мо дар арсаи байналмилалӣ тавассути иштироки фаъолонаи тоҷикон дар олимпиадаву мусобиқаҳои гуногуни фанниву варзишӣ боло мегардад, ки ин ифтихори ҳар як сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

***Ривоят АРБОБОВА,***
***омӯзгори гимназияи №4,***
***барои хонандагони болаёқати***
***шаҳри Душанбе***

## Нахустунсури давлатдорӣ

***Парчам нахустунсури давлатдории миллӣ ва таҷассуми истиқлолиятӣ давлатӣ аст. Ҷашни Парчам ҷашни Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, симои Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибистиқлол, муқтадир, соҳибфарҳангу соҳибтамаддун дар доираи ҷаҳон муаррифӣ менамояд.***

Таърихи тамаддуни миллати тоҷик аз ҳар ҷиҳат ифтихори на ин ки мо, тоҷикон, балки ифтихори оламиён буда, асоси ҳастӣ ва пойдории фарҳанги ҷаҳониро ташкил медиҳад.

30 сол боз Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон парафшон аст. Ҳар гаҳе ба Парчаму парафшонии он менигарам ва ё ҳар гаҳе мебинам, ки ҷавонон, махсусан, хонандагони муассисаҳои таълимӣ Парчами кишварро ҳамчун рамзи ватандорӣ, соҳибистиқлолӣ, арҷгузорӣ ба миллату таърихи фарҳанг боло мебардоранд, ифтихор мекунам. Ифтихор мекунам, ки чунин диёру Ватани соҳибистиқлоли обод дорам. Ифтихор мекунам, насли ҷавонаш, ки аксари аҳолии кишварро ташкил медиҳанд, бо зиракию ҳушёрӣ, худогоҳӣ ва худшиносию ифтихори миллӣ аз чунин Ватани ободу озод ва биҳиштосо ифтихор доранд. Ифтихор мекунам, ки маҳз чунин насли навраси парчамбардор омодаанд дар ҳар қадам ва дар ҳар ҳолат дар ҳимояи марзу буми кишвар сипари боэътимоди миллату давлат бошанд. Ифтихор мекунам, ки ҳам тарбиягирандагони муассисаҳои томактабӣ ва ҳам хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таълимӣ ба Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз муқаддасоти миллию давлатӣ меҳру ихлоси беандоза доранд. Парафшонии Парчамро ҳастии пойдорию устувории Ватан, миллат ва давлати тоҷикон меҳисобанд.

***Сумая ИМОМНАЗАРОВА,***
***муовини директор оид ба корҳои***
***тарбияи МТМУ №97, шаҳри Душанбе***

## Аз таърихи парчам

*Парчам таърихи беш аз 3-3,5 – ҳазорсола дорад ва нахустин парчамҳо дар Эрони қадим, Чин ва Миср пайдо шудаанд.*

***

*Тарҳи парчами сипоҳи Ориён (порсҳо, суғдиён, бохтариён) дар деворнигораҳои шаҳри Помпери Рум (асрҳои 2-1 то милод) кашида шудааст.*

***

*Дар деворнигораҳои шаҳри Панҷакенти бостонӣ, ки ба асри 7 мансубанд, тасвири парчами суғдиёнро метавон мушоҳида кард. Деворнигорае чунин манзара дорад:. Рустам баъди мағлуб кардани аждаҳои одамсар бо ёронаш ҷонибе равона аст ва дар сари найзаи ду нафар аз онҳо парчамҳои зардранги сегӯшагуна дида мешавад.*

***

*Дар миниётураҳои асримиёнагие, ки дар китобҳои ашъори шоирони классик ва дар «Шоҳнома»-ҳо кашида шудаанд, тасвири парчам зиёд ба чашм мерасад. Дар «Шоҳнома»-е сурати саҳнае аз ҷанги лашкари Кайқубод бо Афросиёб омадааст. Ин ҷо дар болои тоскулоҳи сарбозон парчамҳои сегӯшаи рангашон сурху зард тасвир шудааст.*

***

*Аксар парчамҳои дар миниётураҳои классикӣ тасвиршуда сегӯшаанд ва рангҳои сафед, зард, бунафш ва сурх доранд. Истифодаи ранги сурх афзалият дорад.*

***

**Парчами Тоҷикистон**

*Парчами Тоҷикистон-*
*Таҷассуми истиқлол.*
*Бар олам диҳад паём*
*Аз тоҷики хушиқбол.*

*Парчами Тоҷикистон-*
*Ҳастии моро нишон.*
*Дар арши Кохи миллат*
*Парафшон бод ҷовидон!*

***ИСМАТИЁН Сулҳияи Ӯрунбек,***
***деҳаи Хӯҷапанҷи шаҳри Панҷакент***

*Парчами Аморати Бухоро охирин парчами давлати тоҷикон то Инқилоби Октябр буд. Он чаҳоргӯша буд ва дар худ аксҳои моҳу ситора ва панҷаҳои дастро дошт.*

***

*Дар Эъломияи соҳибихтиёрии Тоҷикистон 24 августи соли 1991 бори нахуст зикр гардид, ки рамзҳои давлатии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ мебошанд.*

*Дигар аз санадҳои муҳими кишвар, ки Парчамро рамзи давлатӣ эълон намуд, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.*

***

*Дар «Авасто» дар бораи парчамҳои Бохтари қадим ва дирафшҳои душманони он таъкид шудааст.*

*Парчами аввалини давлати Тоҷикистон парчами умумии (СССР – пайдоишаш соли 1922) буд. Конститутсияи соли 1924 ИҶХШ парчами сурхи (1:2) дар кунҷи боло тасвири путку дос ва дар болои он ситораи панҷгӯшадоштаро қонунӣ гардонад.*

***

*Моҳи феврали соли 1947 Президенти Шурои Олии ИҶШС қарор қабул намуда, ба ҷумҳуриҳои иттиҳод тавсия дод, ки парчамҳои давлатии ба парчами ИҶШС шабеҳи худро қабул кунанд.*

***Саҳифапайвандро***
***Абдурауф МУРОДӢ ва***
***Насриддин ОХУНЗОДА***
***омода карданд.***

25 ноябр даври ҷумҳуриявии озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» ҷамъбаст мегардад.

*Ақл силоҳи руҳи одам аст.*
*Виссарион Белинский*



21-УМИ НОЯБР - РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТЕЛЕВИЗИОН

# Телевизиони тоҷик - симои миллии Тоҷикистон

**3 октябри соли 1959 телевизиони тоҷик аввалин барномаҳои хешро дар шаҳри Душанбе бо забони тоҷикӣ манзури бинандагон гардонида буд. Ин рӯйдоди муҳимми таърихӣ дар ҳаёти фарҳангии миллати тоҷик ба ҳисоб меравад.**

Пайдоиши студияи телевизион дар Ҷумҳурии Шуравии Сосиалистии Тоҷикистон баъди қариб 28 соли дар пойтахти Иттиҳоди Шуравӣ - шаҳри Маскав кушода шудани он ба вуқуъ пайвастааст. Аввалин саррежиссёри телевизиони “Тоҷикистон”, шахсе, ки пахши нахустин барномаи Студияи телевизиони Сталинобод насибаш гаштааст, шодравон Акбар Ҷӯраев дар китоби худ “Телевизион” чунин ба ёд овардааст: “3 октябри соли 1959 соати 18 00 бо вақти маҳаллӣ наттоқи телевизион Рафоат Абдусаломова нахустин маротиба дар оинаи нилгуни сталинободиҳо пайдо гардида, ба бинандаҳои аввалин чунин муроҷиат намуд: «Ассалому алейкум, тамошобинони азиз! Студияи телевизионии Сталинобод намоиши аввалини худро оғоз мекунад”. Соли 1959 дар пойтахт ҳамагӣ 300 адад телевизор мавҷуд бошад, шумораи он дар муддати як сол яъне охири соли 1960 ба 2500 мерасад.

Дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90- ум дар вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд), Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ (ВМКБ) ва вилояти Қӯрғонтеппа (ҳоло Хатлон) студияҳои телевизиони вилоятӣ бунёд карда мешаванд.

Давраи бозсозӣ ба гуногунандешӣ ва ошкорбаёнӣ роҳ кушод. Тоҷикистон истиқлолият ба даст оварду баъди чанде ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ афтид. Дар натиҷа бесарусомонӣ на танҳо дар давлатдорӣ, балки дар тамоми соҳаҳо хукмрон гашт. Воситаҳои ахбори умум аз ин истисно набуд. Нашрияҳо чоп мешуданд, аммо то ба дасти хонанда рафта намерасиданд. Ягона воситае, ки тавассути он шаҳрвандон хабари навро мегирифтанд, телевизион ва радио буд. Махсусан, телевизион, ки тавассути навор аз ҷойи воқеа ва рӯйдод оҷилӣ иттилоъ медод, бинандаро аз ҳама бештар ба худ ҷалб мекард. Шояд ҳамин боис шуд, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 90 – уми асри XX) гурӯҳҳои муайян барои ба даст даровардани телевизион ҷаҳд мекарданд. Вазъ то ба дараҷае расид, ки шахсони аз кӯчаи журналистикаи телевизион нагузашта ба эфир мебаромаданд.

Дар Иҷлосияи сарнавиштсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қасри Арбоби шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд моҳи ноябри соли 1992 бо интихоби раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар баробари дигар соҳаҳои муҳим, ба телевизион низ аҳамияти махсус дода шуда, роҳбарияти нави Кумитаи телевизион ва радиошунавонии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шуданд. 9 сентябри соли 1993 дар рӯзи 2- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пойтахти Тоҷикистон телевизиони ғайридавлатии Студияи телевизиони Душанбе “Сомониён” ба фаъолият шуруъ кард.

Вақте ки 6 ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ба пешрафти ин раванд аз ҷиҳати қонунӣ имкониятҳои



васеъ кушода шуданд. 8 сентябри соли 1996 дар арафаи 5-солагии соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин телевизиони ҷамъиятӣ - Ширкати телевизиони ҷамъиятии “Пойтахт” (ҳоло Муассисаи давлатии телевизиони “Душанбе”) ба фаъолият шуруъ намуд.

Шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва бо суръати кайҳонӣ рушд намудани технологияҳои иттилоотӣ ба фаъолгардии воситаҳои ахбори омма овардааст. Имрӯз хонадонеро дарёфт намудан душвор аст, ки барномаҳои телевизиониро тамошо намекарда бошад. Телевизион барои миллионҳо сокинони сайёра яке аз сарчашмаҳои асосии иттилоот дар бораи рӯйдодҳои мамлакати хеш ва тамоми ҷаҳон гардидааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид чунин гуфта буданд: “Телевизион ва радио ду неруи бузургеанд, ки ба таҳкими ваҳдати миллӣ, пешрафти нақшаҳои бузурги созандагӣ ва амалӣ гардидани орзуҳои бунёди як кишвари соҳибистиқлолу озоди демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат хоҳанд намуд”. Бо шарофати соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол теъдоди шабакаҳои телевизионӣ дар Тоҷикистон зиёд гардида, имрӯз ба 50 расидааст. Аз ин 15 телевизони давлатӣ ва 35 телевизиони ғайридавлатии маҳаллии хусусиву ҷамъиятӣ мебошанд. Бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои соҳибистиқлолӣ 9 шабакаи телевизионии соҳавии ҷумҳуриявӣ: “Сафина”, “Ҷаҳоннамо”, “Баҳористон”, “Варзиш”, “Синамо”, “Футбол”, “Шаҳнавоз”, “Илм ва табиат” ва “Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” таъсис ёфта, бо формати HD фаъолият мекунанд. Имрӯз тариқи моҳвора бинандагон имкон доранд, ки барномаҳои шабакаҳои телевизионии Тоҷикистонро бо забони тоҷикӣ дар тамоми гӯшаву канори ҷаҳон тамошо кунанд.

Телевизиони тоҷик 63 сол мешавад, ки фаъолият мекунад. Дар таъсис ва рушди он даҳҳо нафар олим, шоиру нависанда, журналисту режиссёр, наворбардору танзимгар ва дигар кормандони эҷодиву техникии соҳа саҳми сазовори хешро гузоштаанд.

Бо қарори Ассамблеяи генералии СММ 21 ноябр ҳамчун Рӯзи умумиҷаҳонии телевизион муайян гардида, аз соли 1997 ҳамасола дар тамоми ҷаҳон ҷашн гирифта мешавад.

Телевизиони тоҷик дар давоми мавҷудияти хеш дар рушду пешрафт ва ба истиқлолияти давлатӣ расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарбияи фарҳангии мардуми тоҷик, ба даст овардани сулҳу ваҳдат ва пойдории он хизмати арзанда ва бебаҳое кардааст. Имрӯз дар пурра гардонидани фазои иттилоотии кишвар, ҳифзи амнияти иттилоотӣ ҳамчун яке василаҳои муқтадири таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа мақоми хоса дошта, дар огоҳонидан ва пешгирии хатарҳои ҷаҳони муосир нақши муассир ва созанда дорад.

*Зулфиддин*
***МУЪМИНҶОНОВ,***
***доктори илмҳои филологӣ, профессор, Аълочии телевизион ва радиои Тоҷикистон***

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

# Бозӣ ва кӯдакон

**Дар ташаккули шахсияти кӯдак ба шакл ва баргузор намудани бозиҳои гуногуни таълимию дидактикӣ нақши муҳим мебозад. Чунки бозӣ мактабе мебошад, ки ба кӯдак рафтори озод ва бемаҳдудро ёд медиҳад.**

Аз замзамаҳои замони пеш ба ёд меорем, «Як мавҷи бахр, - ду мавҷи бахр, - се, их кун!». Яъне «Их» маънои ногаҳон истодано дорад, ки дар кӯдак ҳар лаҳза хушёр буданро талқин мекунад. Дар ин навъи бозӣ ҳатто писарон ва духтарони шӯх бо як по шах шуда меистанд.

Дувум, бозӣ мактаби ахлоқ мебошад. Як афсона ва бозӣ кофист, ки тавассути эҳсоси муштарак, худро ба ҷойи «қаҳрамон»-и афсона тасаввур ва аз рӯйи ривоят амалу рафтор кардан метавонад кӯдакро дар доираи талаботи ахлоқӣ тарбия созад.

Савум, бозӣ фаъолияти пешбаранда дар синни томактабӣ буда, ченаки муайянкунандаи рушди иқтидорҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқии кӯдак ба ҳисоб меравад. Муҳимтар аз ҳама, он «тарбияи ҳиссиёт»-ро ҷиҳати эҳтиром гузоштан ба калонсолон ва ҳамсолон тақвият мебахшад.

Дар раванди бозӣ бозичаҳои гуногун истифода мешаванд. Бозичаҳо ихтироoти хеле қадимаи инсоният ба шумор мераванд. Бозёфтҳои бостоншиносон собит месозанд, ки кӯдакон дар замонҳои пеш бо лӯхтак бозӣ мекарданд ва ҳайкалчаҳои хурди ҳайвонот ва парандагон низ дар тӯли таърих ҳаёти кӯдаконро ҳамроҳӣ мекарданд.

Нақши бозичаҳо хеле гуногун аст. Якум, бозича ба сифати воситаи ташаккули психологии кӯдак, дувум, ҳамчун воситаи омода сохтани ӯ дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва сеюм, ҳамчун объекти фароғат ва дилхушӣ нақши муҳим мебозад.

Бозича на танҳо барои бозӣ, балки ҳамчун воситаи таълим, вақтхушӣ ва ҳатто усули табобат низ хидмат мекунад. Бозичаи хуб вазифаи таълимиро иҷро мекунад. Он дар ниҳоди кӯдак некӣ, зебоӣ ва хирадро тарбия мекунад. Бозича нахустин мафҳумхое, чун некӣ ва бадиро дар вуҷуди кӯдак ҷой медиҳад. Дар марҳилаи рушди барвақтии кӯдак бозичаҳо нақши дидактикиро иҷро мекунанд. Ба ин категорияи бозичаҳо лӯхтакҳо, аҳромҳо, мум ва ғайра дохил мешаванд. Онҳо барои рушди амалҳои дастӣ ва мушоҳидаи тарбиятгирандагон имконият фароҳам меоранд.

Ҳангоми бозӣ кӯдак ашёро аз рӯйи ҳаҷм, шакл ва ранг аз ҳамдигар фарқ гузоштанро ёд мегирад. Бозичаҳо воситаи ташаккули ҷанбаҳои ахлоқии шахсияти кӯдак мебошанд. Дар байни онҳо лӯхтакҳо ва бозичаҳои мулоим, аз қабили хирсак, сагча, санчобак ва ғайра ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Нахуст, кӯдак бо лӯхтак амалҳои тақлидиро иҷро мекунад, ки одатан ин амалҳоро калонсолон ба мисли гахворачунбонӣ ва ғизо додани кӯдакон иҷро мекунанд.

Мутаассифона, аксарияти бозиҳо ва бозичаҳои муосир хеле дурушт буда, кӯдаконро на ба арзишҳои фарҳанги миллӣ моил месозанд, балки дар вуҷуди онҳо зӯровариӣ ва нафратро бедор месозанд.

Ба сифати бозичаҳо, инчунин, бозиҳои компютериро низ ном мебаранд. Мо мушоҳида мекунем, ки чӣ гуна «бозичаҳо»-и компютерӣ аз ҳаёти фарзандони мо бозичаҳои анъанавиро ба мисли лӯхтакҳо, ҳайвончаҳои мулоим, тӯбҳо, кубикҳо ва ғайраҳо дур месозанд. Кӯдаконе, ки бо компютер бозӣ мекунанд, бештар хашмгин, бетоқат, эҳсосотӣ ва пурхаяҷон мебошанд.

Аз ин рӯ, вазифаи калонсолон аз он иборат аст, ки бозӣ карданро бо кӯдакон ёд диҳанд, зеро рушди қобилияти зеҳнӣ ва фардӣ, тасаввурот ва эҷодкорӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва муносибати хуб бо атрофиён бештар аз шакли бозиҳо ва намуди бозичаҳо вобастааст.

***Шоира КАМОЛОВА,***
***мураббии ширхорогоҳ – кӯдакистони рақами 4-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ***

ОЗМУН

Дар заминаи Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11) устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ,

# Беҳтарин луғатдонҳо муайян шуданд

миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм) озмуни вилоятии «Луғатдони беҳтарин» миёни хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз тарафи раёсати маорифи вилоят ташкил карда шудааст. Ҳамзамон, китобчаи кисагии “Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ” нашр гардида, ба хонандагону омӯзгорон тақдим гардида истодааст. Дар даври вилоятии озмун 337 нафар ғолибони даврҳои шаҳрию ноҳиявӣ иштирок карда, миёни ҳам рақобат намуданд.

Дар рафти озмун хонандагон аз шаҳру ноҳияҳои Восеъ, Кӯлоб, Балҷувон, Фархор фаъолтар буданд. Дар умум хонандагон аз ҳамаи шаҳру ноҳияҳо кӯшиш намуданд, ки донишу маҳорати баланди худро исбот намоянд.

Натиҷа ва хулосаи ҳайати ҳакамон нишон дод, ки 9 нафар хонандаи беҳтарин ба гирифтани ҷойи аввал сазовор шуданд. Ҳамзамон, 15 нафар ҷойи дуюм, 18 нафар ҷойи сеюм ва 18 нафар ҷойҳои ифтихориро соҳиб гаштанд, ки дар умум ғолибон 60 нафарро ташкил медиҳанд.

***С.АЗИЗӢ,***
***«Омӯзгор»***

Дар Павилиони Тоҷикистон дар Миср масоили марбут ба тағйирёбии иқлим баррасӣ гардид.

МУЛОҲИЗА

**Давоми солҳои истиқлоли кишвар барои дар аксар шаҳру навоҳии мамлакат бунёд ёфтани мактабҳои замонавӣ, таъмиру тармим ва ба замони муосир ҷавобгӯ гардонидани онҳо Ҳукумати мамлакат корҳои зиёдеро анҷом дод.**

# Забон омӯзем, то босавод бошем

Дар баробари бунёди мактабҳои замонавӣ давоми ин солҳо барои забономӯзии насли наврасу ҷавон масъулини соҳа корҳои назаррасро анҷом дода, бо фароҳам овардани шароити мусоид ҳавасмандии онҳоро бештар кардаанд. Имрӯз қариб забонҳои хориҷӣ дар замони муосир хеле муҳим буда, барои дастрас ва аз худ кардани маълумоти зарурӣ оид ба самтҳои мухталиф, аз ҷумла, илму фарҳанг, тартиби самаранок истифодабарии техникаву таҷҳизоти навин мусоидат менамояд. Озмунҳо бо мақсади иҷрои




дар ҳама гӯшаву канори мамлакат курсҳои омӯзиши забонҳои мухталиф дархои худро боз намудаанд ва хонандагон метавонанд забонҳои дилхоҳашонро аз худ намоянд, хусусан, ба омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ ҳавасмандии хоҳишмандон рӯз аз рӯз меафзояд...

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 21 декабри соли 2021 зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ зикр намуданд, ки «таълими забонҳои хориҷӣ, махсусан, русиву англисӣ бояд дар тамоми факултаву шуъбаҳои мактабҳои олӣ боз ҳам беҳтар ба роҳ монда шавад. Зеро Тоҷикистон ҳоло бо 180 давлат робитаи дипломатӣ ва бо 130 кишвар муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ дорад».

Ба амалӣ намудани Фармони Президенти Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020 оид ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» миёни хонандагони синфҳои 5-8 ва 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва литсею гимназияҳо вобаста ба фанҳои забони тоҷикӣ, забони русӣ ва забони англисӣ тадбирҳои ҷиддӣ роҳандозӣ мешавад.

Ҷиҳати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва завқи забондонии ҷавонону наврасон дар бисёр аз ташкилоту идораҳо, вазорату мактабҳои олӣ ва миёнаи умумӣ дар байни наврасону ҷавонон озмунҳои «Забономӯзӣ», ва «Забон донӣ-ҷаҳон донӣ» ташкил ва баргузор мегарданд.

Албатта, омӯхтани «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» роҳандозӣ гардидааст.

Забони англисӣ забони тиҷорат, сиёсат, илм, варзиш ва саёҳат дар тамоми ҷаҳон шинохта шудааст. Зиёда аз як миллиард одамон ба забони англисӣ гап мезананд,барои 400 млн одамони сайёра он забони модарӣ аст ва барои 600 млн. забони дуюм ба ҳисоб меравад...

Озмуни «Забон донӣ-ҷаҳон донӣ» бо қарори Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо мақсади иҷрои Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 роҳандозӣ мегардад.

Имрӯзҳо хушҳол аз мушоҳидаи он мегардам, ки шогирдонам назар ба 10-15 соли қаблӣ ба забономӯзӣ бештар шавқ пайдо кардаанд. Дар синфҳое, ки ман дарси забони англисӣ меомӯзам, ҳамеша таъкид мекунам, пеш аз он ки забони англисӣ меомӯзед, нахуст забони модарии хеш-тоҷикиро бо тамоми нозукиҳояш аз худ намоед, то омӯхтани дигар забонҳои хориҷӣ осон гардад.

Мо, устодон ва волидон бояд ба насли наврас меҳрубону дилсӯз бошем, рафтори шоистаи онҳоро қадрдонӣ кунем ва корамонро содиқона ва софдилона анҷом бидиҳем, зеро Ҳукумати мамлакат ба дӯши мо масъулияти бузург-оияндаи миллатро вогузоштааст.

***Дилафрӯз НАЗАРОВА,***
***муаллими забони англисии МТМУ №5-и шаҳри Душанбе***

ОМӮЗИШ

# Шеваҳои муассири забономӯзӣ

**Машғулиятҳои забони англисӣ бояд бо истифода аз технологияи инноватсионӣ, васоити аёнии чопӣ, наворҳои кӯтоҳмуддати тарбиявӣ ва дигар шакли тарзҳои усулҳои фаъоли таълим баргузор карда шавад.**

Дар раванди дарсҳо аз кори гурӯҳӣ истифода намуда, вобаста ба мавзуи нави дарсӣ ба шогирдон саволу супоришҳои тестӣ пешниҳод менамоем. Тавре маълум аст, дар омӯзиши забони англисӣ диққати ҷиддӣ ба тарзи талаффузи овозҳои нутқ ва дурусту саҳеҳ корбаст намудани охири калима (окончание) равона карда мешавад. Яъне, ба ғайр аз он ки хонандагон хондани калимаҳо ва дар умум, ҷумлаҳоро аз худ мекунанд, онҳо бояд ба тарзи талаффуз, зарбу оҳанг ва хотимаи калимаҳо тавҷҷуҳ зоҳир намоянд. Интонатсия ва зада низ дар талаффузи овозҳо ва нутқи даҳонӣ нақши калон дорад. Яке аз роҳҳои самарабахши омӯзиши забони англисӣ аз бар кардани луғат ба шумор меравад. Хонанда бояд вобаста ба синну соли худ вожаҳо ва маънои лексикии онҳоро хуб донаду дарк карда тавонад. Аз ин сабаб, ҳангоми ба роҳ мондани машғулиятҳо пешниҳоди матнҳои ҷолибу мухтасар ва омӯзиши калимаҳои дохили матн бо дарбаргирии талаффузи дурусти овозҳо судманд мебошад. Дар дарсҳои забони англисӣ истифода аз бозиҳои дидактикӣ, муколамаҳо, саҳначаҳои хурди шавқовар манфиатбахш буда, дар заминаи усули муносибати босалоҳият ба таълим дар меҳвари ин ҳама бояд хонанда қарор дошта бошад. Дар масъалаи омӯзиши забони англисӣ омӯзгори ин фан аз роҳҳои мухталиф метавонад истифода кунад, ки баргузории машғулиятҳои иловагӣ, ҳафтаи фаннӣ, маҳфили забони англисӣ, конфронсу чорабиниҳои берун аздарсӣ ва ғайра аз ин қабил ба шумор меравад. Ба хусус, пурмуҳтаво, рангоранг ва дар доираи осори бадеии адибони ватанию ҷаҳонӣ гузаронидани ҳафтаи фаннӣ ба бештару амиқтар аз бар кардани ин забон мусоидат мекунад. Зикр бояд намуд, ки инкишофи нутқи хаттии хонандагон низ аз саввияи донишу саводнокии онҳо аз забони англисӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, ба омӯзгори фанни зикршуда зарур аст, ки бештар аз эссе, иншо, намудҳои гуногуни имло истифода бурда, масъалаи забондонии хонандагонро зери назорат қарор диҳад. Беҳтарин ва маъмултарин усули баёни фикру мулоҳизаҳои хонанда навиштани «Иншо аз рӯи расм» мебошад, ки ба такмулу ташаккули нутқи хаттии шогирдон такони ҷиддӣ мебахшад. Барои аз худ кардани луғат бошад, айни ҳол мо ҳамроҳи шогирдон аз «Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ», ки 400-то мебошад ва мунтазам дар нашрияи «Омӯзгор» ба табъ мерасад, истифода мекунем.

***Нилуфар РУЯБОВА,***
***омӯзгори МТМУ №78,***
***ноҳияи Фирдавсӣ***

МАСЪУЛИЯТ

# Сифатҳое, ки эътиборафзои омӯзгоранд

**Барои омӯзгори муваффақ гаштан танҳо дониши мукаммал, иттилои васеъ доштан, маълумоти умумӣ касб кардан ва дар доираи тахассуси худ маҳорат пайдо кардан кифоя нест, балки илова бар ин, омӯзгор бояд аз донишҳои тарбиявӣ, психологӣ ва таҷрибаҳои амалии таълим огоҳ бошад.**

Маҳз бо ин восита ӯ барои ба вуҷуд овардани донишҳо, мафҳумҳои илмӣ, маҳоратҳо, самтҳои тарбиявӣ ва тахассусии лозим дар фаъолияти омӯзгорӣ роҳ меёбад ва аз асосҳои таърихӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ ва психологии ин касб бохабар мегардад.

Омӯзгор дар доираи Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи соҳа ба таҷрибаи озоди эҷодии педагогӣ ҳуқуқ дошта, тарзу усули муносибат бо таълимгирандагонро, ки ба эҳтироми ҳамдигарӣ асос ёфтааст, мустақилона интихоб менамояд. Метавонад ба салоҳдиди худ намуди фаъолияти тарбиявиро интихоб намояд ва усулҳои навоваронаи таълиму тарбияро истифода кунад, агар онҳо аз нуқтаи назари касбӣ шоиста ва қобили истифода бошанд. Омӯзгор дар фаъолияти касбии худ хилофи манфиату мақсадҳои таълим амал намекунад.

Омӯзгор ба кори худ содиқ буда, ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хеш масъулиятро дарк карда, барои сифатнокӣ ва натиҷаҳои кори педагогии ба ӯ вогузоргардида масъул мебошад. Вай ба ҳимояи ҷисму рух, зеҳн, эҳсосот ва маънавияти таълимгирандагоне, ки ба таълиму тарбияи онҳо машғул аст, масъул буда, барои иҷрои вазифаҳо ва ҳифзи захираҳое, ки маъмурият ба ӯ вогузор намудааст, масъул мебошад.

Омӯзгор таълимгирандагонро ҳамчун шахсият эҳтиром намуда, раванди тарбияро бо назардошти хусусиятҳои фардӣ ва синнусолӣ, хислат ва қобилияти ӯ ташкил менамояд. Дар доираи риояи талаботи қонунгузорӣ дар фаъолияти касбии худ манфиатҳои таълимгирандагонро нисбат ба манфиатҳои ҳама шахсони дигар ба таври афзалиятнок дастгирӣ ва эҳтиром мекунад.

Дар ҳама ҳолат ба таълимгирандагон ғамхорона ва эҳтиёткорона кумак расонида, таълимгирандагонро ба эҷодкорӣ ҳидоят менамояд, раванди педагогиро бе маҷбурсозӣ идора мекунад, ба таълимгирандагон хушнудӣ, некхоҳӣ, боварӣ, некбинию зиндадилӣ бахшида, муҳаббати онҳоро барои зиндагии некбинона бештар мегардонад.

Барои таълимгирандагон бо мақсади дуруст дарк кардан ва аз худ намудани маводи таълимӣ вақт муайян намуда, маводи таълимиро содаю фаҳмо пешниҳод мегардонад ва дар раванди таълим агар фикру ақидаҳои омӯзгор аз ягон ҷиҳат аз тарбиягиранда фарқ намояд, омӯзгор сарфи назар аз ин бояд ӯро руҳан дастгирӣ намояд.

Омӯзгор бояд ба суханони таълимгиранда гӯш диҳад, хоҳиши таълимгирандагонро ба эътибор гирад ва дар ҳама ҳолатҳо ба таълимгирандагон ғамхорона ва эҳтиёткорона кумак расонад.

Барои ноил гардидан ба натиҷаҳои мусбати педагогӣ дар доираи имкон, аз ҳама воситаҳо, донишҳои замонавӣ, усулҳои таълиму тарбияи муосир истифода мебарад ва дар мавриди зарурат ба дигар мутахассисон муроҷиат менамояд. Доир ба комёбиҳои илмӣ ба тарбиягирандагон маълумот пешниҳод мекунад ва эҳтимолияти амалишавии онҳоро дуруст шарҳ медиҳад. Дар ин гуна ҳолат аз баёни манфиати шахсии худ ва манфиатҳои муассисаю ташкилотҳо худдорӣ менамояд.

Метавон гуфт, ки барои иҷро кардани масъулияти омӯзгорӣ шахс бояд дорои хусусиятҳои комили ба худ хос буда, аз сифатҳои руҳӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ баҳраманд бошад. Касби омӯзгорӣ пуршараф аст ва аз омӯзгор масъулияти баланд талаб мекунад.

***Марҷона ҲАСАНОВА,***
***омӯзгори МДТ литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе***

МАҲФИЛ

# «Хониши бадеӣ» кӯдаконро китобхон мекунад

Дар Муассисаи таҳсилоти иловагии минтақаи Кӯлоб маҳфили «Хониши бадеӣ» амал мекунад, ки хонандагонро ба китобу китобхонӣ, назму наср ва эҷодкорӣ ҷалб менамояд.

Бо мақсади ҷалби кӯдакону наврасон ба китобхонӣ чорабиние бо иштироки аъзоёни маҳфили мазкур таҳти унвони «Китоб - ганҷи бебаҳо» баргузор гардид, ки падару модарони аъзоёни маҳфил низ иштирок карда, ҳунару маҳорати фарзандонашонро баҳогузорӣ карданд. Дар чорабинӣ маърӯзаҳо оид ба мавзуъи китоб, ёдоварӣ аз нафъи мутолиаи китоб, сухани гузаштагон дар ситоиши китоб, суолу ҷавоб (викторина) ва шеъру саҳначаҳо дар бораи китобу китобхонӣ аз тарафи аъзои маҳфили «Хониши бадеӣ» тақдим гардид.

***С. АЗИЗӢ,***
***"Омӯзгор"***

**Дар шаҳри Челябинск Форуми ҷавонони Россия ва Тоҷикистон баргузор гардид.**

*Ҳар кас метавонад дар танҳоӣ накукор бошад, аммо барои бад кардан ду тан мебояд.*
*Ҳенрих Ҳейне*



СОБИҚАДОРОНИ МАОРИФ

# Заҳматписанд ва дарёдил

Саидмирзо Шарафов дар оилаи деҳқон, дар деҳаи Худгифи Болои ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ таваллуд шудааст. Солҳои 1953-1956 мардуми деҳаҳои Мастчоҳи Кӯҳиро ба заминҳои бекорхобидаи ноҳияҳои Пролетар (ҳоло Ҷаббор Расулов), Нов (Спитамени ҳозира) ва Мастчоҳи нав муҳоҷир намуданд. Бинобар ин, Мирзо Шарафов дар ноҳияи Пролетар (ҳозира Ҷаббор Расулов) ба таҳсил фаро гирифта шуда, соли 1963 онро бо баҳои хубу аъло ба итмом расонидааст. Худи ҳамон сол ба Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Ленинобод (ҳозира коллеҷи омӯзгории Хуҷанд) дохил шуда, онро соли 1966 бо дипломи аъло хатм намуда, бо роҳхат дар ноҳияи Нов (ҳозира Спитамен) дар мактаби №23 ба кори пуршарафи омӯзгорӣ шуруъ менамояд. Малака ва маҳорати педагогии ӯро ба назар гирифта, ҷонишини директор оид ба корҳои таълиму тарбия дар синфҳои ибтидоӣ таъйинаш намуданд, чун ба касби хеш муҳаббат дошт.

Соли 1978 ба зодгоҳи хеш, деҳаи Худгифи Боло кӯчида меояд ва фаъолият дар мактаби деҳа давом медиҳад. Соли 1983 сазовори ифтихорномаи Вазорати маорифи Тоҷикистон гардидааст. Дар давоми фаъолияти корӣ шогирдони зиёдеро тарбия намудааст, ки ҳоло қисми зиёди онҳо ба касби омӯзгорӣ машғуланд.

Саидмирзо Шарафов зиёда аз 50 сол дар рушду нумуи соҳаи маориф дар ноҳияҳои Спитамену Ҷаббор Расулов ва Мастчоҳи Кӯҳӣ саҳми арзанда гузоштааст. Пурдониву масъулиятшиносӣ ва серталабӣ нисбат ба худ ӯро натанҳо дар мактаб, балки берун аз он ҳам шухратёр намудааст. Номбурда ҳамчун ташкилотчии моҳир солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои ҷонишини директор оид ба таълиму тарбияи мактаби №9 фаъолият намуда, дар раванди фаъолияти меҳнатиаш ба як қатор ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ноҳия қадрдонӣ шудааст.

Муомилаи хуб, чеҳраи кушод, дили поку пурмеҳр, инсондӯстӣ, хоксорӣ, ширинсуханӣ ва одоби ҳамида ӯро маҳбуби тамоми омӯзгорону шогирдон намудааст. Соли 2006 дар курси «Тренинги тренерҳои муаллимони синфҳои ибтидоӣ» иштирок намуда, ба омӯзгорони синфҳои ибтидоии деҳаҳои болооби Зарафшон усулҳои нави таълиму тарбияро дарс додааст. Борҳо дар синфҳои ибтидоӣ дарси кушод гузаронида, аз тарафи кормандони шуъбаи маориф ва сарварону омӯзгорони макотиб баҳои баланд гирифтааст.



Баҳри расидан ба ин мартаба дорандаи нишони "Аълочии маорифи Тоҷикистон" Саидмирзо Шарафов роҳи тӯлонирo тай намудааст, ки он заҳмат, саъю кӯшиши зиёдеро талаб менамояд ва ӯ аз зумраи муаллимони фидоии касби хеш, роҳнамои омӯзгорони ҷавон, машваратчии кордону нуктасанҷ ба шумор меравад. Мавсуф дар давоми фаъолияти кории хеш ҳамчун шахси ҳалим, фурӯтан, қавиирода, меҳнатдӯст, садоқатманд ба ғояҳои инсониву ватандӯстӣ дар пешрафти соҳаи маориф ҳисса гузоштааст. Баъди ба нафақа баромадан корро дар китобхонаи мактаб идома дода истодааст.

Имсол устоди гиромиқадр ба синни 75 мерасанд. Мо ба устод сиҳатии комил, саодати абад, некномиву тандурустӣ ва комёбиҳои беназирро таманно дорем.

***Меҳровархон БОБОХОНИЁН,***
***омӯзгори МТМУ №31,***
***ноҳияи Ҷаббор Расулов***

# Кӯдакони имконияташон маҳдудро дастгирӣ мебояд

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар баробари ба дунё омадани кӯдакони солим, солҳои охир таваллуд шудани кӯдакони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ва равонӣ (психикӣ) низ зиёд шудааст. Таваллуди кӯдакони нуқсондор на танҳо аъзои оиларо ба ташвиш меорад, инчунин, ба пешравию рушди кишвар низ таъсири манфӣ мерасонад ва заҳмати зиёди аҳли оила, кормандони тиб ва муассисаҳои таълимию тарбиявиро ба вуҷуд меорад, зеро ҳар як кӯдаки носолим хусусиятҳои хоси худро дошта, аз волидайн, муаллимону мураббиён, равоншиносон, дефектологу логопедҳо ва дигар кормандони тиб муносибати махсусро талаб мекунад.

Давлат нисбат ба кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд ғамхорӣ зоҳир намуда, ҳуқуқҳои онҳоро ҳимоя мекунад, ба таълиму тарбия фаро гирифта, чун шахсони ба ҷамъият фоидаовар ба воя мерасонад. Бартараф ва ислоҳ кардани баъзе нуқсонҳои ҷисмонию равонии кӯдак аз ғамхорию нигоҳубини волидайн, табобати кормандони тиб, кумаку дастгирии мутахассисон вобастагии зиёд дорад.

Барои таълим ва тарбияи кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд кормандони мактаб-интернат бояд донишҳои одитарини анатомию физиологӣ ва педагогию психологиро доро бошанд. Оид ба дараҷаи нуқсон, хусусиятҳои азсаргузаронии беморӣ, муҳлати ба беморӣ гирифторшавии кӯдак, корҳои ислоҳии таълимию тарбиявиро ба роҳ монда, аз маслиҳату дастурҳои мутахассисисон – дефектологҳо ва кормандони соҳаи тиб самаранок истифода бояд кард.

Қобилияти дарккунии кӯдакони имконияташон маҳдуд муносибати эҳтиёткорона ва боадабонаи атрофиёнро нисбат ба нуқсонҳои равонӣ ва ҷисмонии вай тақозо мекунад. Дар кӯдак тарбия намудани муҳаббат, боварӣ ва ташаккул додани қобилияти паси сар кардани мушкилот, бедор кардани имкониятҳои ҷубронкунандаи нуқсонҳо, раҳнамои ба сифатҳои писандида ва ҳамзамон, дар ӯ ба вуҷуд овардани қобилияти баҳодиҳии амалу рафтори худ ба назари интиқодӣ хеле муҳим аст.

Фаъолияти дарккунии ин гуна кӯдакон суст инкишоф меёбад; хотираашон хусусияти механикӣ дошта, ба мазмуни чизҳои аз худ кардаашон сарфаҳм намеравaнд, ашёю ҳодисаҳои дидаашонро дурудароз дар хотир нигоҳ дошта наметавонанд, диққаташон ғайриихтиёрӣ буда, ба чизҳои дуюминдараҷа равона мегарданд, муттамарказияти диққаташон суст буда, тез-тез парешонхотир мешавад. Ашёву ҳодисаҳои муҳити зистро мебинанд, вале хусусиятҳои алоқаманди онҳоро (ранг, шакл, ҳаҷм мавқеи ҷойгиршави)-ро дуруст фарқ намекунанд.

Фикрашонро пай дар пай ифода карда наметавонанд.

Яке аз методҳои асосӣ оид ба фаъолгардонии қобилияти дарккунии хонандагони имконияташон маҳдуд, фаҳмондадиҳии шифоҳӣ мебошад.

Нутқи муаллим намунаи нутқи шифоҳӣ ба хонандагон ба шумор рафта, фаҳмиши нутқи атрофиёнро амиқтар менамояд, зеро аҳамияти нутқи муаллим дар равиши омӯзиш хеле зиёд аст.

Маводи таълимӣ бояд фаҳмо ва дастрас бошад, чунки кӯдакони имконияташон маҳдуд ҳатто дар масъалаи аз худ кардани миқдори маҳдуди дониш танқисӣ мекашанд.

Маводи таълимӣ бояд барои хонандагон шавқовар бошад, зеро завқи бошууронa ба нағзтар дарк ва аз худ кардани маводи таълимӣ мусоидат мекунад

***Усмон КАТАМАРДОВ,***
***омӯзгор***

# Муаммои «Байрақ»



1. Муродифи «парчам». 2. Ҷирми осмонӣ. 3. Маркази давлати Сомониён. 4. «*** и ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст» (Ҳофиз). 5. Бӯстон, Шаҳринав, Ваҳдат.6. Исми пешинаи шаҳри Турсунзода. 7. Ба манзил мерасонад. 8. Муаллифи тарҳи Парчами миллӣ. 9. Ҳарфи алифбои ниёгон. 10. Шаҳр дар Тоҷикистон. 11. Асари Б. Ғафуров. 12. Муаллифи асари «Давлати Сомониён». 13. Воҳиди маъмурӣ. 14. Ҷумҳурии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ. 15. Романи С. Улуғзода. 16. Асбоби миллии мусиқӣ. 17. Моеъи хушбӯй. 18. Воситаи техникии хабаррасонӣ. 19. Гардун, сипеҳр. 20. Шаҳри энергетикҳо. 21. Паранда - рамзи сулҳ. 22. Муродифи вожаи «сурат». 23. Ҷонишини шахси якуми танҳо. 24. Зодгоҳи Умари Хайём. 25. Маҳаллаи таърихӣ дар Самарқанд. 26. *** Қарабоев, нахустин Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ аз Осиёи Миёна. 27. Миллат. 28. Ҳарфи алифбои ниёгон. 29. Амр, супориш. 30. Хеле камёфт. 31. Ҳаммаънои «ташаккур». 32. Муассиса, корхона. 33. Муқобили равшан. 34. Махзани дониш. 35. Шаҳр дар ҷануби Тоҷикистон. 36. «Вис ва ***», асари адабиёти классикӣ. 37. Ғизои моддӣ. 38. Шаҳр дар ҶИЭ. 39. Навъи хати арабӣ. 40. Аломати китобатӣ. 41. Асари Шайх Саъдӣ. 42. Муаллифи «Лайлӣ ва Маҷнун». 43. Нашриёт дар Тоҷикистон. 44. Иди байналмилалӣ. 45. Исми мардонаи тоҷикӣ. 46.Ченаки вазн, ки баробар ба 449, 28 грам аст. 47. Забонгирифта, ҳамеша хомӯш.

***Мураттиб Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

СЕМИНАР

# Омӯзиши технологияи информатсионӣ

Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди раёсати маорифи вилояти Хатлон барои иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» дар шаҳру ноҳияҳои вилоят семинарҳои омӯзиширо ташкил намуд.

Дар семинар мавзуъҳои "Тартиби дурусти ҳуҷҷатгузорӣ дар кабинети технологияи иттилоотӣ" ва "Тартиби дурусти барноманависӣ дар забони барномасозии QBASIC" ба омӯзгорони фанҳои дақиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

***С. АЗИЗӢ,***
***"Омӯзгор"***

**Роҳбарияти Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ» ба директори Маркази таҳсилоти иловагии ВМКБ Муолифшоев Аҳмадшо бинобар даргузашти ХОҲАРБУЗУРГАШ ҳамдардии амиқ изҳор менамояд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

**ОМӮЗГОР**
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир:* *Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ухда нагирад. *Навбатдори шумора* *Н. ОХУНЗОДА*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 37160 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.